ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБД: 633.11 (575.3)

Бо ҳуқуқи дастнавис

ЮСУФЗОДА ФАРРУХ САЙВАЛӢ

САМАРАНОКИИ ОПТИМАЛИКУНОНИИ ҶОЙГИРКУНӢ ВА МАХСУСГАРДОНИИ ИСТЕҲСОЛОТИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ
(дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

Душанбе - 2025

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти КАС – и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Шарифов Зариф Раҳмонович -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бугалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Муқарризони расмӣ: **Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Муовини директори институти Иқтисодиёт ва демографияи АМИТ оид ба илм ва таълим

Раҳимов Ҷамшед Одинабекович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи кори диссертатсионӣ “06” марти соли 2026 соати 09 ^{00} дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА – 016 - и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru. телефони котиби илмӣ: (+992 (101-17-90-90) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи илмӣ ва сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (www.tajagroun.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ соли 2026 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионии 6Д.КОА-016,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Олимов А.Х.**

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Вазъияти низоми буҳронӣ ва мушкилоте, ки ҳоло соҳаи кишоварзии мамлакатро фаро гирифтааст, талаб менамояд, ки як қатор тадбирҳои иловагӣ оид ба ҳар чи зудтар ҳал кардани мушкилоти бамиёномадаи соҳа андешида шаванд. Дар маҷмааи умумии ин мушкилот, ки ҳалли бомуваффақияти онҳо ба маҷмааи агросаноатии мамлакат имкон медиҳад аз вазъияти буҳронӣ баромада, суръати минбаъдаи тезу устувори тараққиёти онро таъмин намояд, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ҷойгиркунии зироатҳо ва истеҳсоли кишоварзӣ, самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мебошад. Дар байни омилу шартҳои сершуморе, ки ба баланд шудани самаранокии соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд, яке аз муҳимтарини онҳо оптималикунонӣ, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ мебошад.

Рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар бахши кишоварзӣ ба ҷойгиркунии истеҳсолот дар соҳа вобастагии амиқ дошта, таъсири амиқи махсусгардонии вобаста ба шароитҳои табиию иқлимӣ ва иқтисодӣ дар вилоятҳо ва ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бештар ба назар мерасад. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҷойгиркунии истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба истифодаи самараноки захираҳои моддӣ, техникӣ, молиявӣ ва меҳнатии хоҷагиҳо ва корхонаҳои кишоварзӣ, иқтидори табиӣ-биологии ноҳияҳо, афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии он дар бозорҳои озуқаворию дохилӣ ва хориҷии кишвар нигаронида шудааст.

Хусусиятҳои ҳудудии хок, иқлим ва шароити иқтисодии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ фарқи калони ноҳиявиро дар ҳудуди кишти зироатҳо, дараҷаи интенсивӣ ва самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро пешакӣ муайян мекунанд. Ҷойгиршавии ҳозираи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба талаботи истифодаи оқилонаи имкониятҳои биоиқлимӣ ва захираҳои иқтисодӣ пурра ҷавоб дода наметавонанд.

Аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ имконият медиҳад, ки бо ба назар гирифтани маҷмуи омилҳои иқлиму ҳосилнокии табиии таркиби хокӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, экологӣ ва дигарҳо ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои кишоварзӣ ва дар маҷмуъ соҳа оварда, шароит фароҳам меорад, ки самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) кишоварзӣ баланд бардошта шавад, ҳамин тавр ба андозаи зиёд дастрас будани истеъмолкунандагони ниҳоиро бо маҳсулоти озуқаворӣ низ

таъмин мекунад. Дар ниҳояти кор, ба куллӣ, ба вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷамъият беҳбудӣ бахшида, ба он таъсири мусбӣ мерасонад.

Муҳимияти масъалаи баррасишаванда дар марҳалаи кунунии рушди маҷмааи агросаноатӣ аз он ҷиҳат боз хеле назаррас мегардад, ки муносибатҳои бозорӣ дар бахши кишоварзӣ истифодаи принсипҳои муосирро, ҳам барои арзёбии ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, инчунин танзими онро аз ҷиҳати илмӣ бо назардошти махсусгардонии киштгардони истеҳсолот, тақозо мекунанд. Ҳамаи ин аҳамияти таҳқиқоти илмиро оид ба минбаъд такмил додани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, асосноккунии роҳҳои баланд бардоштани самараи онҳоро дар шароити нави хоҷагидорӣ муҳим мегардонад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ дар асарҳои бисёр олимони ватанию хориҷӣ васеъ инъикос ёфтаанд, ки дар байни онҳо Н. Александров, А.И. Барбашин, А.И. Алтухов, А.Н. Адуков, В.Р. Боев, Н.А. Борхунов, В.А. Добринин, Н.К. Василева, Д.Ф. Вермел, Л.М. Залтсман, В.И. Колеснев, И.Т. Крячков, И.А. Минаков, К.П. Оболенский, И. Тюнен, И.Г. Ушачев мавқеи намоёнро ишғол менамоянд.

Хусусиятҳо ва характери зуҳуроти шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, ки ба назар гирифта мешаванд, самтҳои такмили онҳо дар сатҳи вилоят, ба тараққиёти низомҳои хоҷагии қишлоқ вобастаанд ва дар асарҳои дигар олимон, аз ҷумла Ф.С. Зиятдинов, М.П. Рабинович, Л. Рабинович, Н. Катков, И. Муртазин, Ф.К. Мусин, В.П. Захаров, Х. М. Миргунов, Г.М. Набиуллин, К.Н. Нургалиев, Д. Файзрахмонов, С. Шарифов ва дигарон инъикос карда шудаанд.

Ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ дар бисёр асарҳои таҳқиқотии олимони тоҷик: Мадаминов А., Пиризода Ҷ.С., Шарифов З.Р., Ашуров И.С., Носиров Р., Ғаниев Т.Б, Шамсиев К.Б., Набиев Т.Т., Олимов А.Х. Абдуллоев А.А., Бердиев Р., Каҷкулоев А.Ф. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Аммо ҳоло ҳам масъалаи беҳтар намудани ҳолати оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва инкишоф додани махсусгардонии низоми истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳамчун низоми муносиби динамикии хоҷагӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ, пурра инъикос наёфтааст. Илова аз ин, як силсила масоиле, ки бо асосҳои назариявӣ ва методологии ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолот, аз ҷумла моҳияти иқтисодии онҳо чун категоряи иқтисодӣ, принсипҳо, зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва

оптималикунонии он, истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, омилҳои таъсиррасон ба онҳо мавриди таҳқиқот қарор нагирифтаанд ва ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, ки ин мубрамияти интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян карданд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ бо ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, аз қабили «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025», «Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030», «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳисоботи панҷуми Конвенсия оид ба тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» робитаи бевосита дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз асосноккунии илмӣ ва методологии самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ, таҳияи тавсияҳо оид ба такмили низоми ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ бо назардошти таъсири маҷмуи омилҳои ба рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим иборат мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади гузошташуда мо ҳалли вазифаҳои зеринро зарур шуморидем:

1. Омӯзиши ҷабҳаҳои назариявии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва муайянкунии мавқеи онҳо ҳамчун шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат;
2. Асосноккунии методологии баҳодиҳии самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ;
3. Омӯзиши таҷрибаи хориҷии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои кишоварзӣ;
4. Таҳлили омилҳо ва ҳолати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва муайян намудани самаранокии онҳо дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон;

5. Таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар асоси беҳтар намудани ҷойгиркунии он ва махсусгардонии истеҳсолот;

6. Ошкор намудани самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар шароити тағйирёбии иқлим дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон.

Объекти таҳқиқот. Ба ҳайси объекти таҳқиқот корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун асоси сектори аграрии минтақа интихоб гардидаанд.

Мавзуи таҳқиқот - маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад.

Фарзияи таҳқиқот. Ба сифати фарзияи ибтидоии илмии таҳқиқот муқаррароте пешниҳод карда шуд, ки дар ҳолати ба таври илмӣ асоснок кардани муайянсозии алоқамандӣ ва вобастагии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, инчунин омилҳои таъсиррасонанда метавон ба натиҷаҳои назаррас ва таъмини самарнокии баланди соҳаи кишоварзӣ ноил гардид.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асарҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои назариявӣ ва методологияи ташкилии ҷойгиркунии муносиби истеҳсолоти кишоварзӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, асосҳои назариявии таҳқиқотро ташкил медиҳанд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо, асарҳои олимони хориҷӣ ва ватании муосир доир ба равандҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, хусусиятҳо ва самтҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо дар шароити нави хоҷагидорӣ истифода шудаанд.

Сарчашмаи маълумот. Ба сифати иттилооти ибтидоӣ, қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мавзуи илмӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки милии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияҳои ХД, Раёсати кишоварзии вилояти Хатлон ва мушоҳидаҳо, таҳлилу таҳқиқотҳои худи муаллиф, ҳамчун манбаи маълумот хизмат намуданд. Дар диссертатсия қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои илмии фаъолияти Маркази тадқиқоти стратегии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои дар маҷаллаҳои даврӣ чопшуда ва таҳқиқотҳои аз тарафи муаллиф гузаронидашуда, заминаи таҳқиқотро ташкил мекунанд. Дар ҷараёни таҳқиқот, ҳамзамон, манбаи маълумоти шабакаи ҷаҳонии Интернет низ истифода шудааст.

Пойгоҳи таҳқиқот. Корҳои таҳқиқотӣ дар назди кафедраи иқтисодиёт дар КАС-и факултети иқтисодии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур гузаронида шудаанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар рафти гузаронидани таҳқиқот усулҳои гуногун, аз он ҷумла: иқтисодию-оморӣ, монографӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҳисобию-конструктивӣ, ҳисоббарории конструктивӣ, балансӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотии иқтисодӣ истифода бурда шуданд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот аз асосноккунии илмӣ, назариявӣ ва коркарди равишҳои методологии муайян намудани самтҳои самарабахши ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ ва коркарди маҷмуи тадбирҳои оптималии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ иборат мебошад.

Ба ҳимоя чунин навгониҳои илмӣ пешниҳод мегардад:

- асосҳои назариявии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ омӯхта шуда, мавқеи онҳо ҳамчун шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат асоснок карда шудааст. Таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ имкон дод, ки паҳлуҳои назариявии ҷойгиркунии ҳудудию соҳавии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва махсусгардонии он, аз ҷумла тавсифи ин категорияҳо ва хусусияту принсипҳои онҳо бо назардошти инкишофи муносибатҳои нави бозорӣ равшан муайян карда шудаанд;

- методологияии баҳодиҳии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ асоснок ва такмил дода шуд, омилҳои ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон таъсиркунанда ошкор карда шуда, бо назардошти талаботи бозор ва таъмини мураккабии баҳодиҳӣ, таносуби тақсимоти соҳавии меҳнат дар хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон ҳисоб карда шуда, талаботи ба захираҳои табиӣ ва меҳнатии минтақаҳо асоснок карда шуд;

- имконияти истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ бо дарназардошти тағйирёбии иқлим бо мақсади идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар

вилояти Хатлон ва баланд бардоштани самаранокии он пешниҳод карда шудааст;

- омилҳои ба сатҳ ва дараҷаи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таъсирбахш муайян карда шуда, сатҳи муосири ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва корхонаю хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон арзёбӣ карда шуд. Бо истифода аз равишҳои методологӣ, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар вилояти Хатлон, бо назардошти талаботи бозор, таносуби тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва шароитҳои тағйирёбии иқлим муайян карда шуда, талабот ба захираҳои табиӣ ва меҳнатии минтақаҳо асоснок карда шуд;

- вобаста ба омилҳои таъсиркунанда, ҳолати имрӯзаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон баҳогузорӣ карда шуда, барои баланд бардоштани даромаднокии истеҳсолот ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хурокворӣ нишондиҳандаи дараҷаи махсусгардонии истеҳсолот, мутаносибияти ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва тамаркузи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуда, муқаррароти методӣ барои пешгӯии ҷойгиршавӣ ва ташаккули минтақаҳои махсуси истеҳсолоти кишоварзӣ дар минтақаҳои алоҳидаи он дар асоси истифодаи усули барномавии мақсаднок тартиб дода шудаанд;

- самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, вобаста ба гуногунсозии шаклҳои молиявӣ ва тарзҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуда, параметрҳои дурнамои ҷойгиркунии ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ва бозорӣ аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон муайян карда шуданд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда

- асосноккунии методологии баҳодиҳии самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва муайянкунии таъсири омилҳо ба самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар вилояти Хатлон, ошкор намудани таносуби тақсимоти меҳнат ва муайян кардани талабот ба захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ;

- асоснок намудани имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ, бо дарназардошти тағйирёбии иқлим бо мақсади идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон;

- муайянкунии самтҳои умумӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани самараи иқтисодии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар асоси беҳтар намудани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот;

- асоснок ва пешниҳод намудани самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ вобаста ба гуногунсозии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар аниқ ва мукаммалгардонии асосҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ, ташкили истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, муайян кардани самаранокии он бо дар назардошти маҷмуи омилҳои иқтисодӣ, таърихӣ, экологӣ, иқлиму хокӣ таъсири онҳо ба афзоиши ҳаҷми маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва баланд шудани самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, бо назардошти ҳаҷми дастрас будани истеъмолкунандагони ниҳоӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар таҳияи пешниҳод ва такмили ҷорӣ намудани шаклҳои самаранокии ҷойгиркунӣ ва абзорҳои махсусгардонӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тавсияҳо оид ба оптималикунонии таносуби омилҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ иборат мебошад, ки ба таъмин намудани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон мусоидат мекунанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асосноккунии ҷабҳаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои илмии оид ба баландбардории самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, инчунин бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводҳои таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуи рисола ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқ аст: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС; 9.Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар кишоварзӣ; 28. Арзёбии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС; 35. Ташаккул ва рушди комплекси

агросаноатӣ дар низоми диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ; 42.Ташаккул ва рушди ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Ҳамаи даврaҳои раванди таҳқиқот аз рӯйи иҷрои нақшаи кори илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар такмилдиҳии ҷойгиркунии соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ, муайян намудани омилҳои ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаи кишоварзӣ таъсиррасонанда, ошкор намудани роҳҳои асосии оптималии ҷойгиркунии зироатҳо дар соҳаи кишоварзӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳои илмӣ оид ба мафҳуми ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонӣ, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати онҳо, таҳияи модели математикии ҷойгиркунӣ саҳми худро гузоштааст. Унвончӯ мустақилона натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои амалиро оид ба баланд бардоштани самарнокии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва оптималикунонии соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ, илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, дар давраи солҳои 2013-2024 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти методӣ ва амалии дар рафти омӯзиш таҳияшуда дар раванди ташаккул ва такмили ҷойгиркунонӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ мусоидат менамоянд, ки муҳимтарини онҳоро чунин хулоса намудан мумкин аст:

– тавсияҳо оид ба тартиб додани нақшаҳои ҷойгиркунонӣ вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири кишоварзӣ;

– унсурҳои алоҳидаи навовариҳои илмӣ, методӣ дар ҷараёни таълими кафедраҳои иқтисодиёти КАС, ташкили истеҳсолоти кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар гурӯҳҳои таълимӣ истифода карда мешаванд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА ҶТ тавсия шудаанд, дар ҳаҷми умумии 2,1 ҷузъи чопӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, дар маҷаллаву нашрияҳои соҳавӣ ва маҷмуаи мақолаҳои илмии аз натиҷаи кори конфронсҳои илмӣ-амалӣ, байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ 5 мақолаҳои дигари илмӣ дар ҳаҷми 2,3 ҷузъи чопӣ дар матбуоти даврӣ нашр гардидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори кор. Дисертатсия дар ҳаҷми умумии 208 саҳифа таҳия карда шудааст. Вай аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, номгӯи сарчашмаҳои истифодашуда дар ҳаҷми 230 номгӯй иборат аст. Дар он 33 ҷадвал, 7 расм ва 7 диаграмма ҷойгир карда шудааст.

МАЗМУНИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ муҳимияти мавзуи таҳқиқот, объект, предмет, ҳадаф ва вазифаҳои он, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз натиҷаи таҳқиқотҳои бадастомада пешниҳод карда шудааст.

Дар боби якум «Ҷабҳаҳои назариявии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва самаранокии он дар хоҷагии қишлоқ» методҳо, принсипҳо, зарурияти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва оптималикунонии он, ҷанбаҳои методологӣ ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ, зарурати объективӣ ва шартҳои асосии такмили абзорҳои оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташкили ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва зарурати оптималикунонии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Мушкилоти дар маҷмааи системаи агросаноатӣ ҷойдошта талаб мекунад, ки сохтори он дар асоси муайян намудани муносибатҳои гуногуни ҳамаи зернизомҳо ва дар ҳамаи шаклҳои он амиқ омӯхта шавад. Маҷмааи агросаноатӣ чун қоида аз се соҳа ва инфрасохторҳои он: соҳаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот, соҳаи хоҷагии қишлоқ, соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва инфрасохторҳои он иборат мебошад.

Ба фикри мо, соҳаи кишоварзӣ ҳамчун қисми асосӣ ва марказии КАС буда, ташкили ҳудудии соҳа вобаста ба хусусиятҳо ва самарабахшии шаклҳои рушди ташкили ҷамъиятии истеҳсолот - махсусгардонӣ, ҷойгиркунӣ, коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ҳамгироии онҳо асоси онро ташкил менамоянд. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои нави бозорӣ муаммои муҳимтарини соҳаи кишоварзӣ оптималигардонии сохтори истеҳсолот, мувофиқи шароити табиию иқтисодӣ ва талаботи бозор ҷойгир кардани он, ба вуҷуд овардани имкониятҳои баробар барои тараққиёти соҳаи кишоварзӣ дар ҳамаи шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ мебошад. Дар шароити бозор ва вобаста ба талаботи он махсусгардонии ҳудудӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолотро аз нав дида баромадан лозим меояд, чунки амалҳои қатъии маъмурии танзими давлатии истеҳсолот дар байни

минтақаҳои маъмурии кишоварзӣ бо рақобати шадид байни истеҳсолкунандагон амалӣ мегардад.

Ҳолати ҳозираи рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ дар Тоҷикистон тамоюли аниқи тадриҷан баландшавии сатҳи истеҳсоли маҳсулотро дар соҳа инъикос менамояд. Дар аввалҳои солҳои 90-уми асри XX сатҳи баланди пастравии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ба миён омада, то соли 1997 ин раванд идома кард. Бо кӯшиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 сар карда сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ тамоюли болоравиро касб кард.

Баланд бардоштани сатҳи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ зарурати объективӣ буда, барои боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва ба дараҷаи зиндагонии сокинони шаҳрҳо наздик ва расондани он яке аз вазифаҳои муҳими иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад ва бояд мусоида намояд.

Ҳаминтавр, афзоиши сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ талаботи худтаъминкунии озуқавориро ҳал намуда, барои дар муддати кӯтоҳ баҳри ноил шудан ба дараҷаи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тавсияшудаи истеъмоли ғизо ба ҳар сари аҳолӣ имконият медиҳад.

Равандҳои зерин асосан дар асоси қонуни афзоиши талабот муайян шуда, ифодаи худро дар пардохт ва танзими музди меҳнат, ҳаҷми даромад ба ҳар сари аҳолӣ, дар оилаҳои молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо муайян кардани ҳудуди охирини он дар даврaҳои гуногуни рушди иҷтимоию иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ асос ёфтааст.

Омӯзиши масъалаҳои услубии махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ на танҳо дар ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, балки аз мақсади сохтори бонизоми истеҳсолот ва аз тарафи дигар, бо назардошти мавқеи он дар низоми боз ҳам мураккабтар - дар тамоми маҷмуи хоҷагии ноҳия бояд ба асос гирифта шавад. Танҳо ҳамин гуна муносибат имконият медиҳад, ки тамоми муносибатҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва ҳудудии байни ҷузъҳои маҷмаа муайян карда шуда, ба мақсади ниҳоӣ - муайян намудани захираҳои зиёд кардани самараи истеҳсолоти кишоварзӣ ноил гарданд.

Дар солҳои охир яке аз хусусиятҳои иқтисодиёти гуногунсоҳаи хоҷагии қишлоқ зиёд кардани самараи истеҳсолот бо роҳи тақсим кардан, муттаҳид намудани хоҷагиҳои мавҷуда бе махсусгардонӣ ва дар айни замон бе тағйироти куллии ташкил ва технологияи истеҳсолот, ки боиси бартараф намудани ҳамаи камбудиҳои мавҷуда мегарданд, мебошад.

Аммо тақсим кардани минтақаҳои истеҳсолӣ чунин маъно надорад, ки ҳамаи хоҷагиҳои ин ё он минтақа бояд як хел махсус гардонида шуда,

ҳамгироии соҳавӣ ва хусусияти якхелаи ташкили истеҳсолотро дошта бошанд.

Аз сабаби гуногунии шароити табиию иқтисодии ноҳияҳои вилояти Хатлон, онҳо аксар вақт, на танҳо хусусияти гуногун, инчунин дорои дараҷаи гуногуни интенсивӣ, технологияи гуногуни истеҳсоли як маҳсулот буда, ба навъҳои гуногуни истеҳсолот тааллуқ доранд.

Дар солҳои охир дар вилоят раванди махсусгардонӣ ва тақсим кардани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба роҳ монда нашудааст. Мо барои муайян кардани маҷмуи оптималии соҳаҳои хоҷагии халқ ва ҷойгир кардани истеҳсоли баъзе навъҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои вилояти Хатлон амсилаи иқтисодию риёзиро тартиб додем.

Ҳамин тавр, дар низоми хоҷагидории ҷумҳурӣ охири солҳои 90-уми асри XX тағйиротҳои назарас ба миён омаданд ва шароити иқтисодӣ дигаргун гардида, бисёр хоҷагиҳо ба ин дигаргуниҳо зуд мутобиқ нашуданд. Дар ин вазъи баамаломада молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, бо дарназардошти даромади бештар мехоҳанд фаъолияти худро тағйир диҳанд.

Тибқи пешниҳоди Степанов П.Н. [12], дар асоси таҳлили муфассали захираҳои агроиқлимӣ муайян кардани минтақаҳои мусоидтарин барои парвариши зироатҳои мушаххас ва зотҳои алоҳидаи чорво муяссар мегардад ва ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии баланд ба даст меоянд. Асарҳои Степанов П.Н. асоси низомҳои зироаткорӣ ва чорводориро, ки барои ташкили истеҳсолот дар ноҳияҳои аз ҷиҳати иқлимӣ гуногун пешниҳод карда шудаанд, ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намуданд.

Полунин А.Н. пешниҳод менмояд, ки ташаккули кластерҳои агросаноатӣ, ки корхонаҳои кишоварзӣ, корхонаҳои коркард, корхонаҳои истеҳсоли техникаи кишоварзӣ ва дигар ташкилотҳоро муттаҳид мекунанд, ба баланд шудани рақобатпазирии маҳсулот ва рушди устувори деҳот мусоидат мекунад [24]. Имрӯз асарҳои Полунин дар таҳияи стратегияи рушди кишоварзӣ дар минтақаҳои гуногуни Русия ва ташаккули абзорҳои дастгирии давлатии маҷмааи агросаноатӣ истифода мешаванд.

Дар раванди омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷии соҳаи иқтисод, адабиёти соҳавӣ маълум карда шуд, ки ҳоло дар фаҳмиши мафҳуми “ҷойгиркунӣ” фаҳмиши ягона мавҷуд нест. Андешаи баъзе аз онҳоро мо дар шакли ҷадвал пешниҳод намудем (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «ҷойгиркунӣ» - и истеҳсолоти кишоварзӣ

№	Муаллиф	Мафҳум
1	**Оболенский К. П.**	Ҷойгиршавии хоҷагии қишлоқ, ин дар минтақаи муайяни истеҳсолӣ ҷойгир шудани корхонаҳои хоҷагии қишлоқ мебошад. Воқеан, ҷойгиршавии ҷуғрофии хоҷагиҳои соҳаҳои гуногун ҷойгиршавии онҳост [19].
2	**Каминский А.Е.**	Ҷойгиршавии хоҷагии қишлоқ ҷиҳати миқдори махсусгардониро ифода намуда, ба чунин савол ҷавоб медиҳад, ки дар минтақа, вилоят, ноҳия ё корхонаи алоҳидаи хоҷагии қишлоқ чӣ қадар ва чӣ гуна маҳсулоти тиҷоратӣ истеҳсол карда мешавад ё бояд истеҳсол карда шавад [20] .
3	**Степанов П.Н.**	Ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ ва навъҳои чорво бояд ба шароити агроиқлимии минтақаҳои гуногун комилан мувофиқ бошад. Таъмини гармӣ, намӣ, хусусиятҳои хок ва дигар омилҳоро бояд ба назар гирифт [12].
4	**Колосовский Н.Н.**	Ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро бояд як қисми маҷмааи ягонаи ҳудудии истеҳсолӣ ҳисоб кард. Хоҷагии қишлоқ бояд бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ (коркард, нақлиёт, мошинсозӣ) бо ҳам алоқаманд бошад, то ки самараи баланд ва рушди маҷмааи қаламрав таъмин карда шавад. Ҳангоми ҷойгиркунии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ на танҳо омилҳои табиӣ, инчунин робитаҳои иқтисодиро бо дигар соҳаҳо низ ба назар гирифта, бояд назарияи ба ҳам алоқаманди маҷмааи ҳудудию истеҳсолиро ташкил кард [17].
5	**Полунин А.А.**	Ҷойгиркунии ҳудудии маҷмааи агросаноатиро дар асоси ташаккули робитаҳои самарабахши байнисоҳавӣ ва рушди кластерҳои агросаноатӣ бояд такмил дод. Афзалиятҳои рақобатии минтақаҳои гуногунро ба назар гирифта, дастгирии давлатии самтҳои афзалиятноки рушди кишоварзӣ муҳим гардидааст [24].
6	**Пиризода Ҷ.С.**	Ҷойгиркунӣ – қисми марказии низоми илман асоснокшудаи хоҷагидории кишоварзӣ мебошад. Ин низом имконият медиҳад захираҳои асосси истеҳсолиро дар миқдори наонқадар калони соҳаҳои пешбаранда ҷойгир карда, на фақат ба шароити маҳалӣ ҷавобгӯ буда, байни худ хеле муносиб бошанд [11].
7	**Олимов А.Х.**	Дар шароити кунунӣ, зарурияти ҷойгиркунии минтақавии пахтакорӣ муносиб ба шароити хоку иқлим, ки бо ягонагии ҳудудҳои он ва муносибгардонии соҳавии истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд аст, зарур мебошад [23].
8	**Ф.С. Юсуфзода**	Раванди ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бояд бо дарназардошти шароити табиӣ, иқлимӣ, захираҳои об, замин ва нерӯи меҳнатӣ амалӣ карда шуда, ба баланд бардоштани ҳаҷми маҳсулот истифодаи самараноки захираҳои табиӣ коҳиши хароҷоти нақлиёт ва ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Воқеан ҳам мафҳуми «ҷойгиркунӣ» аз ҷониби олимони сершумори ҷаҳонӣ ва ватанӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст (Каминский А.Е., Степанов П.Н., Оболенский К. П. ва ғайра), лекин то ҳол дар ин ҷода як фикри аниқ нест ва ба андешаи мо ин мафҳум дар оянда вобаста ба хусусиятҳои минтақаҳои ҷумҳурӣ таҳқиқи мукамалро талаб мекунад.

Ҳамин тавр яке аз масъалаҳои баҳсталаб ва то ҳол ҳал нагардида, ин мафҳуми «махсусгардонӣ» баҳисоб меравад. Дар ин самт аз ҷониби олимони

зиёди хориҷӣ, аз ҷумла Дэвид Рикардо, Алфред Вебер, Майкл Портер, Пол Кругман, Чаянов Александр Василевич ва дигарон дар ин самт корҳои илмӣ гузаронида шудааст. Аммо оид ба ин мафҳум фикри якхела мавҷуд нест. Мо андешаи олимони хориҷӣ ва ватаниро оид ба мафҳуми «махсусгардонӣ» таҳлил намуда, дар шакли ҷадвал пешниҳод намудем. (ҷадвали 2)

Дар шароити хоҷагидории муосир махсусгардонӣ яке аз омили асосии таъмини самаранокии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди ин, мо дар ҷадвали 2. андешаи олимони иқтисоддонро оид ба мафҳуми «махсусгардонӣ»- и истеҳсолоти кишоварзӣ гурӯҳбандӣ намудем.

Ҷадвали 2. - Таҳлили ақидаи олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «махсусгардонӣ»- и истеҳсолоти кишоварзӣ

№	Муаллиф	Мафҳум
1	**Дэвид Рикардо**	Махсусгардонии кишвар ё минтақа истеҳсоли молҳо ё хизматрасониҳоро, ки бартарии муқоисавӣ дорад, инчунин он некӯаҳволии умумиро афзоиш медиҳад [3].
2	**Алфред Вебер**	Махсусгардонии ноҳияҳои хоҷагии қишлоқ асосан дар асоси ҳисоби хароҷоти истеҳсол ва нақлиёт, инчунин имконияти коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ муайян карда мешавад [2].
3	**Майкл Портер**	Махсусгардонии кишоварзӣ аксар вақт тавассути ташаккули кластерҳо ба вуҷуд меояд, ки ба он ҳамкории байни фермерон, таъминкунандагон, коркардкунандагон, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо ба навоварӣ, самаранокӣ ва рақобатпазирӣ мусоидат мекунанд [10].
4	**Пол Кругман**	Махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ на танҳо аз рӯйи шароити табиӣ, инчунин тибқи инфрасохтори тараққикарда, қувваи кории баландихтисос ва бозорҳои тараққикардаи фурӯши маҳсулот муайян карда мешавад [8].
5	**Чаянов А.В.**	Махсусгардонии хоҷагии деҳқонӣ ба сохти оила, мавҷуд будани қувваи корӣ ва дастрасии замин, муносибат ба бозор вобаста аст [14].
6	**Кондратев Николай Дмитриевич**	Махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба тағйироти даврагӣ вобаста аст, ки бо дигаргуниҳои технологӣ ва иқтисодии ҷамъият алоқаманданд [7].
7	**Немчинов Василий Сергеевич**	Махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро бо истифода аз амсилаҳои иқтисодию риёзӣ, ки омилҳои гуногунро, аз қабили шароити иқлим, хусусиятҳои хок, хароҷоти нақлиёт ва талаботи бозор ба назар мегиранд, оптималӣ кардан мумкин аст [18].
8	**Кушнер Иван Степанович**	Махсусгардонии хоҷагии қишлоқ бояд бо шароитҳои табиӣ ва иқтисодии ноҳияҳо муайян карда шуда, ба самаранок истифода бурдани захираҳои замин нигаронида шавад [21].
9	**Залтсман Л.М.**	Моҳияти махсусгардонӣ (ҷойгирӣ) аз он иборат аст, ки дар ноҳияҳои иқтисодию маъмурии мамлакат ва дар ҳамаи колхозу совхозҳо дар асоси талаботи хоҷагии халқ ба навъҳои гуногуни маҳсулоти хоҷагии қишлоқ он зироатҳо ва он навъҳои чорво парвариш карда мешаванд, ки дар шароити табиӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби як воҳиди замини корам бо сарфи ками меҳнати ҷамъиятӣ маҳсулоти ҳадди аксар ба даст меояд [15].

Идомаи ҷадвали 2.

10	**Колеснев С.Г.**	Махсусгардонии истеҳсолот ифодаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат мебошад. Ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз рӯйи минтақаҳо ва ноҳияҳои мамлакат ду тарафи як масъала аст. Ҷойгиркунӣ тарафи миқдориро инъикос мекунад, яъне дар минтақа, ноҳия чӣ қадар ва чӣ хел маҳсулот бояд истеҳсол карда шавад ва махсусгардонӣ ҷиҳати сифатро инъикос мекунад, яъне соҳаҳои асосии маҳсулот, ки бояд дар ин ноҳия ё минтақа инкишоф ёбанд [16].
11	**Ковел П.В**	Аҳамияти махсусгардонии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ тибқи мувофиқати таркиби соҳаҳои саноат ва алоқаи онҳо бо хусусиятҳои шароити табиию иқтисодии истеҳсолот муайян карда мешавад, ки ба туфайли он, корхона дар шакли маҳсулоти иловагӣ самараи иловагӣ мегирад ва ё арзиши аслии ҳар як воҳиди маҳсулот камтар мешавад [6].
12	**Илина З.М.**	Махсусгардонӣ - инкишофи бартаридоштаи як ё якчанд соҳаҳои маҳсулот, ки самти истеҳсолии хоҷагии қишлоқ ва сохтори соҳавии онро нишон медиҳад. Вай яке аз шаклҳои тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва ташкили оқилонаи он мебошад. Дар хоҷагии қишлоқ он, бо назардошти хусусиятҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ: шароити табиӣ, хосиятҳои биологии растаниҳо ва ҳайвонот, хусусиятҳои истифодаи замин, захираҳои моддию меҳнатӣ, воситаҳои нақлиёт ба амал бароварда мешавад [4].
13	**Г.В. Иванченко**	Махсусгардонии хоҷагии қишлоқ раванди динамикист, ки мувофиқи талаботи қонунҳои иқтисодӣ ба амал бароварда мешавад. Ин усули аз ҷиҳати илмӣ ташкил кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо харҷи камтарин, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат бо пай дар пай зиёд кардани ҳаҷми маҳсулот мебошад. Дар баробари амиқтар шудани махсусгардонӣ, чун қоида тамоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ беҳтар мегарданд [5].
14	**У. Шарофов**	Дар хоҷагии қишлоқ махсусгардонӣ дар шакли истеҳсоли нисбатан зиёди як ё якчанд намуди маҳсулот дар минтақа, вилоят, ноҳия ифода меёбад. Он ба истеҳсоли ин ё он намуди маҳсулот, махсусгардонии ин ё он корхона, воҳиди ҳудудиро нишон медиҳад, яъне самти истеҳсолотро нишон дода, сохти соҳавии минтақа, ноҳия, хоҷагиро муайян менамояд [25].
15	**Р. Носиров**	Зери мафҳуми махсусгардонии корхона мутамарказгадонии фаъолияти он нисбат ба истеҳсоли намуди муайяни маҳсулот (ё маҳдуд сохтани доираи онҳо) фаҳмида мешавад. Дар корхонаҳои кишоварзӣ он одатан бо васеъ намудани як ё соҳаҳои мусоидаткунанда дар мавриди мутобиқан маҳдуд сохтани дигарҳо алоқамандӣ дорад[22].
16	**Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ**	Махсусгардонӣ ин ифодаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо назардошти истифодаи қонунҳои иқтисодӣ, шароити табиию иқлимӣ, иқтисодӣ, ташкили ҷойгиркунии зироатҳо дар хоҷагӣ (минтақа) ва доштани афзалият дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти умумӣ, маҳсулоти молӣ ё майдони умумии кишти зироатҳо дар як давраи муайян аст.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Таҳлили ҳолати ҷойгиркунии зироатҳои хоҷагии қишлоқ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон нишон дод, ки самаранокии парвариши онҳо бештар ба

дуруст интихоб кардани минтақаҳои ҷойгиркунии зироатҳо ва риоя намудани талаботи принсипҳои ҷойгиркунии зироатҳо зич алоқаманд аст.

Мо ба он назарем, ки дар шароити имрӯза рушди истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи риояи талаботҳои принсипҳои зерини ҷойгиркунии истеҳсолот дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон бамаврид аст (расми 1).



Расми 1. - Принсипҳои асосии ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ

Сарчашма: *Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст*

Расми 2. - Омилҳои таъсиркунанда ба низоми ҷойгиршавии зироатҳои кишоварзӣ

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Ба андешаи мо, тибқи талаботи қонунҳои иқтисоди бозорӣ истеҳсолот бояд дар он соҳаҳое ба роҳ монда шавад, ки даромади бештарро таъмин карда метавонанд. Махсусан истеҳсолоти кишоварзӣ истифодаи оқилона ва самаранокии замин, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявиро талаб мекунад. Дар натиҷа риояи реҷаи сарфакории истифодаи захираҳои дар боло зикргардида дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳо баланд шуда, арзиши аслии маҳсулот ва ҳиссаи истеҳсоли маҳсулоти пастсифат паст мегардад. Таҳлил ва омӯзиши масъалаи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷойгиркунии он нишон дод, ки самаранокии ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ ба таъсири омилҳои зерин алоқаманд аст.

Таҳқиқот дар ин самт нишон дод, ки вобаста ба шароити иқлимӣ ҳудуди заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон гуногун буда, қобилияти ҳосилхезии табиии замин низ гуногун мебошад. Ин зарурати муайян намудани омилҳои ба ҳосилнокии заминҳо алоқамандро вобаста ба фарқияти дараҷаи ҳосилхезии намудҳои гуногуни хок ба амал овард. Дар баробари ин бояд дараҷаи мавҷуд будани захираҳои моддӣ, техникӣ, табиӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ва таъсири онҳо ба натиҷаҳои истеҳсолот таҳлил карда шаванд. Дар ин замина мо дар асоси адабиёти илмии мавҷуда ҳолати амалҳои оптималикунонии хоҷагии қишлоқро зарур дониста, ки онҳо дар се унсури асосӣ ба таври зайл пешниҳод намудем (расми 3).



Расми 3. - Амалҳои оптималикунонии хоҷагии қишлоқ

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Мусаллам аст, ки оптималикунии соҳаи растанипарварӣ яке аз омили калидии таъмини самаранокии соҳа ба ҳисоб рафта, дар самаранок истифода бурдани маҷмуи омилҳои меҳнатӣ ва молиявии соҳаи пахтакорӣ, сабзавоткорӣ, картошкаю чорводорӣ, тамокупарварӣ ва боғдорӣ, ҳамчун меъёри боэътимоди муайян намудани мансубияти ҳудудию соҳавии захираҳои замин, мувофиқи иқтидори иқтисодӣ ва хусусиятҳои хоку иқлими онҳо бесобиқа хизмат мекунад (расми 4).

Раванди оптималикунонии фаъолияти истеҳсолии корхонаи кишоварзӣ дар амал омӯзиши ғунҷоиши бозор ва муайян намудани имкониятҳои ҳақиқии фурӯши маҳсулоти онро ба истеъмолкунандагон бо нархҳои мусоид дар бар мегирад. Молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ҳангоми интихоби самти самарабахши хоҷагидорӣ бояд кӯшиш кунанд, ки тамоми имконияту хусусиятҳои дар ихтиёрашон бударо самаранок истифода баранд. Маҳз бо ин мақсад, мо дар расми 4 унсурҳои оптималикунии соҳаи растанипарвариро тавсиф намудем.

Расми 4. -Унсурҳои оптималикунии растанипарварӣ
Сарчашма: *Таҳияи муаллиф*

Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла таҷрибаи ИМА ва Иттиҳоди Аврупо, оид ба таъминсозии хоҷагиҳои кишоварзӣ бо техника ва мошинолоти кишоварзӣ, таҷрибаи Ҷумҳурии Узбекистон оид ба истифодаи захираҳои биоиқлимию меҳнатӣ, таҷрибаи Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба истифодаи чарогоҳҳо боиси дастгирист. Амалӣ намудани таҷрибаи андухтаи давлатҳои болозикр

ба хоҷагидорони мо имконият фароҳам меорад, ки ҷойгиркунии оқилона ва махсусгардонии амиқи истеҳсолоти аграриро дуруст ба роҳ монда, ба ин васила самаранокии соҳаҳои кишоварзиро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд.

Дар боби дувум - «Баҳодиҳии сохтори ҷории ҷойгиркунии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар он динамикии рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳолати ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ таҳлил карда шуда, зарурияти оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят, самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар шароити гуногунсозии истеҳсолоти кишоварзии мамлакат муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия динамикаи ҳаҷми умумӣ, таркиби маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3. - Динамикаи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019-2023 (ҳазор сомонӣ).

Шаҳру ноҳияҳо	С О Л Ҳ О					Соли 2023 нисбати соли 2019, бо %
	2019	2020	2021	2022	2023	
Вилояти Хатлон	26800490	29312269	31040091	33074411	35326251	131,8
ш.Бохтар	104936	126136	134626	134092	148926	141,9
н.Кӯшониён	1842275	2034649	2180299	2286495	2417004	131,2
н.Вахш	1598866	1716114	1831323	2032821	2133168	133,4
н.Хуросон	896185	984113	1047844	1118523	1163748	129,9
н.Дӯстӣ	1336866	1514714	1569272	1643057	1807891	135,2
н.Қубодиён	1549397	1599298	1706061	1713235	1929068	124,5
н.Ҷ.Балхӣ	1604601	1714841	1855470	1904579	2066517	128,8
н.А.Ҷомӣ	1199908	1285308	1406308	1455517	1520887	126,8
н.Ҷайҳун	1813429	2105596	2422334	2700868	2983982	164,5
н.Панҷ	1153928	1334347	1382768	1484864	1566414	135,7
н.Шаҳритус	1320185	1414701	1465981	1545919	1653673	125,3
н.Ёвон	1855321	1961660	2039568	2198697	2318136	124,9
н.Н.Хусрав	666853	805716	830356	849890	936141	140,4
ш.Левакант	208920	225484	236760	240429	267224	127,9
ш.Кӯлоб	855069	946171	971230	1011140	1068956	125,0
н.Муъминобод	969040	1008219	1053990	1090823	1120762	115,7
н.Восеъ	1491245	1658756	1746321	1899249	1923345	129,0
н.М.С.А.Ҳама-донӣ	1071749	1247431	1328219	1483739	1618008	151,0
н.Фархор	1534880	1668150	1671215	1938205	2040325	132,9
н.Темурмалик	530491	573427	591218	601673	626024	118,0
н.Данғара	1965647	2090543	2213003	2309253	2505729	127,5
н.Ховалинг	272003	292991	301015	327907	351189	129,1
н.Ш.Шоҳин	478629	490377	509430	541824	554784	115,9
н.Балҷувон	365626	379585	400925	406385	437041	119,5
ш.Норак	114443	133941	144555	155229	167308	146,2

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмуаи оморӣ. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.116-118.*

Дар натиҷаи таҳлили динамикаи ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон метавон чунин хулоса кард, ки:

1. Ҳаҷми маҳсулоти умумии соҳаи кишоварзӣ дар вилояти Хатлон тамоюли зиёдшавандаро дошта, соли 2023 ба 35326,3 млн. сомонӣ расидааст, ки нисбат ба соли 2019–31,8% афзудааст. Дар ин давра ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ–37,5%, чорводорӣ-46,3% афзоиш ёфтааст.

2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2019 – 2023 тамоюли зиёдшавандагиро дорад. Ин зиёдшавӣ, агар аз як ҷиҳат натиҷаи афзоиши ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот дар шакли натуравӣ бошад, аз тарафи дигар, баланд шудани нархи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи таҳлили таркиби маҳсулоти умумии кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе хоҷагиҳои вилояти Хатлон арзиши маҳсулот зиёд шудааст. Ба мутахассисони соҳавӣ зарур аст, ки вобаста ба шароити табиию иқлимии минтақа, аз усулҳои нави мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараровар тадбирҳои амалӣ андешида, барои кишт аз тухмиҳои ба касалиҳо тобовар истифода бурдан чораҳои иловагӣ таҳия кунанд. Дар баробари ин, ба таркиби хок аҳамият дода, барои ҷойгир кардани зироатҳо, бо назардошти риояи низоми киштгардон, барои кам шудани касалиҳо ва зиёд шудани маҳсулоти соҳа диққат диҳанд.

Дар диссертатсия таркиби маҳсулоти умумии кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе хоҷагиҳои вилояти Хатлон арзиши маҳсулот таҳлил карда шудааст. Дар маҷмуъ вай тамоюли афзоишро дорад. Ба мутахассисони соҳавӣ зарур аст, ки вобаста ба шароити табиию иқлимии ноҳияҳо, аз усулҳои нави мубориза бар зидди касалиҳо ва ҳашароти зараровар, барои кишт аз тухмиҳои ба касалиҳо тобовар чораҳои иловагӣ андешанд. Дар баробари ин, ба таркиб ва ҳосилнокии табии хок аҳамият дода, барои ҷойгир кардани зироатҳо, бо назардошти риояи низоми киштгардон.

Бо мақсади муайян кардани самаранокии истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи растанипарварӣ маълумоти хоҷагии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷи вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додем (ҷадвали 4). Тавре ки аз таҳлили маълумоти ҷадвали 4. бар меояд, масоҳати умумии майдони кишти гандум ва алафҳои бисёрсола дар кооперативи тиҷоратии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ дар 4 соли таҳлилӣ аз 761 гектар гандум дар соли 2020 то ба 595 гектар дар соли 2023 кам гардидааст, ки нисбат ба соли 2020 166 гектар кам буда, масоҳати кишти алафҳои бисёрсола

низ дар ин давра аз 39 гектар ба 32 гектар расонида шудааст, ки 17,9 фоиз кам мебошад.

Ҷадвали 4. - Таҳлили самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар хоҷагии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ дар солҳои 2020-2023

Номгӯйи маҳсулот	Солҳо				Соли 2023 нисбати соли 2020, +,-
	2020	2021	2022	2023	
Ҳамагӣ, масоҳати майдони киштҳ					
Гандум	761	593	586	595	-166
Пахта	650	700	730	736	86
Сабзавот	12	16	22	18	6
Картошка	6	120	88	84	78
Ҳосилнокӣ, с/га					
Гандум	35	37	40	41	6
Пахта	22	17,1	26	27,4	5,4
Сабзавот	250	270	276	281	31
Картошка	280	139	236	229	-51
Хароҷоти умумӣ, ҳазор сомонӣ					
Гандум	6861,2	5788,0	6244,4	6552,4	-308,8
Пахта	6224,7	5297,9	8495,4	8931,7	2707
Сабзавот	672,0	1000,1	1472,4	1243,3	571,3
Картошка	495,2	5190,8	6508,7	6043,9	5548,7
Фоидаи соф, ҳазор сомонӣ					
Гандум	2221,3	2022,9	2217,4	2571,2	349,9
Пахта	1125,4	1201,8	2209,3	2220,3	1094,9
Сабзавот	363,0	576,7	689,2	618,1	255,1
Картошка	139,8	1297,7	1632,4	1554,3	1414,5
Дараҷаи даромаднокӣ,%					
Гандум	32,4	34,9	26,2	39,2	6,8
Пахта	18,1	22,7	20,6	24,9	6,8
Сабзавот	54,0	57,7	31,9	49,7	-4,3
Картошка	28,2	25	20,1	25,7	-2,5

Сарчашма: *Ҳисоботи солонаи кооперативи тиҷоратии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ, барои солҳои 2020-2023 ва ҳисобкуниҳои муаллиф.*

Сабаби асосии кам намудани масоҳати майдони киштӣ гандум ва майдони алафҳои бисёрсола дар хоҷагӣ, пеш аз ҳама дар зиёд намудани масоҳати майдони киштӣ пахта ва зироатҳои сабзавотӣ арзёбӣ мегардад. Ин тамоюл дар масоҳати киштӣ дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ баръакс буда, аз 13 фоизи майдони пахта то ба 15 фоизи масоҳати майдони киштӣ сабзавот зиёд гардидааст, ки дар баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нақши муассир дорад.

Агар ҳосилнокии зироатҳои дар хоҷагӣ парваришшавандаро мавриди таҳлил қарор диҳем, пас маълум мегардад, ки ҳосилнокии зироатҳои полизӣ ва картошка мутаносибан 48 ва 51 сентнер кам гардидааст, ки роҳбарияти хоҷагӣ ин равандро пеш аз ҳама дар тағйирёбии иқлим ва пайдо шудани ҳар гуна касалӣ ва ҳашаротҳои зараррасон маънидод менамоянд. Ин

нишондиҳанда дар боқимонда зироатҳои парваришёбанда зиёд гардида, аз 5,4 сентнери пахта то ба 31 сентнер сабзавот афзоиш ёфтааст, ки ба ҷамъоварии умумии маҳсулоти кишоварзӣ таъсири худро мерасонад.

Новобаста аз зиёд шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзии дар хоҷагӣ парваришшаванда хароҷоти умумиистеҳсолӣ низ афзоиш ёфтааст. Агар соли 2020 хароҷоти умумиистеҳсолии хоҷагӣ, дар умум 15202,9 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 23664,3 ҳазор сомониро ташкил намудааст, ки 155,7 ҳазор сомонӣ ва ё 55,6 фоиз зиёд мебошад. Сабаби асосии зиёд гардидани хароҷоти истеҳсолӣ, пеш аз ҳама аз таъсири омилҳои берунаи хоҷагидорӣ, яъне ҳамасола беқурбшавии асъори миллӣ вобастагии калон дорад. Новобаста аз ҳар гуна омилҳои дохила ва беруна хоҷагӣ тавонистааст фоида ва дараҷаи даромаднокии баландро аз ҳисоби парвариши ҳамаи зироатҳои кишоварзӣ ба даст орад.

Ҳамин тавр, дар кооперативи тиҷоратии ба номи «Эмомалӣ Раҳмон»-и ноҳияи Панҷ баланд шудани ҳосилнокӣ аз ҳар 1 гектар замин сабаби зиёд гардидани фоидаи соф аз ҳисоби зиёд намудани ҳаҷми фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ва беҳтар кардани сифати он, дар маҷмуъ баланд бардоштани дараҷаи даромаднокӣ гардид. Аз ин лиҳоз, чунин хулоса бароварда мешавад, ки хоҷагӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ дар парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, пеш аз ҳама бояд ба маҷмуи низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ диққати махсус дода, барои бартараф намудани омилҳои манфии таъсиррасон ба низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешад.

Яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ин ҷойгиркунии дуруст ва махсугардонии муносиби соҳаҳо ба ҳисоб меравад. Солҳои охир дар соҳаи кишоварзии мамлакат як қатор тағйироти назаррас амалӣ гардиданд, ки аз қабили ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, навовариҳои селексионӣ ва истифодаи таҷҳизоти муосири дорои иқтидори баланди энергетикӣ ба шумор мераванд. Шумораи оптималии соҳаҳо дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ ва ҳамгироии муносибу оқилонаи онҳо бо таъсири байниҳамдигарии омилҳои зиёде муайян карда мешавад. Омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳаи кишоварзиро метавон ба чанд гурӯҳи шартӣ ҷудо кард.

Ба гурӯҳи аввал - омилҳои табиӣ - нишондиҳандаҳое монанди ҳосилхезии хок, таркиби замин, ҳаҷми боришот, шумораи рӯзҳои офтобӣ ва миқдори умумии гармии солона шомил мешаванд.

Гурӯҳи дуюм - омилҳои ташкилию иқтисодӣ - ҷойгиршавии субъектҳои истеҳсолӣ, сатҳи инфрасохтори нақлиёт, ҳаҷми сармоягузорӣ, динамикаи

нархи маҳсулот, сохтор ва ҳаҷми талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти алоҳида ва сатҳи ташаккули зерсохторҳои бозорро дар бар мегирад.

Ба гурӯҳи сеюм - омилҳои техникӣ - сатҳи тараққиёти техникаву технология ва андозаи истифодаи навовариҳои муосир мансубанд.

Гурӯҳи чорум - омилҳои иҷтимоиву демографӣ - шумораи аҳолӣ, мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва хусусиятҳои сохтории онҳост. Ва ниҳоят, омилҳои экологӣ чорабиниҳоеро фаро мегиранд, ки барои ҳифз ва такмили ҳосилхезии замин, инчунин пешгирии ифлосшавии муҳити зист равона шудаанд.

Муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ин омилҳоро ба ду гуруҳ тақсим мекунанд: баъзе муҳаққиқон ба махсусгардонӣ; пешрафти илмию техникӣ; нархи маҳсулот; мавҷуд будани бозорҳои фурӯш; мавҷуд будани воситаҳои алоқа; шароити табиӣ; таҷрибаи таърихӣ ва маҳорати аҳолиро дохил менамоянд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқон бошанд, ба махсугардонӣ талаботи истеъмолкунандагон, афзоиши даромади аҳолӣ, дастгирии давлатӣ, истифодаи оқилонаи замин, киштгардон, захираҳои меҳнатӣ ва ғайраро дохил менамоянд.

Мо сохтори ҷойгиркунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро дар харитаи ҷойгиркунонии зироатҳои хоҷагии қишлоқ овардаем.



Расми 5. - Харитаи ҷойгиркунии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон.

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Бояд ёдовар шуд, ки дар вилоят як қатор барномаҳои давлатӣ оид ба рушди соҳаи чорводорӣ мавҷуданд, вале камбудии муҳими онҳо ба таъхир дар қабули қарорҳо ва амалӣ намудани тадбирҳо алоқаманд аст. Таҳлилҳои

сохторҳои дахлдори вилоятӣ нишон медиҳанд, ки барои нигоҳ доштани сатҳи рушди муътадили чорводорӣ, нархи хариди маҳсулоти чорво бояд мутобиқ ба сатҳи воқеии таваррум, яъне то 7 фоиз зиёд карда шавад. Дар робита ба ин масоил, таҳлили динамикии саршумори чорвои вилояти Хатлонро зарур мешуморем (Диаграммаи 1.).



Диаграммаи 1. - Саршумори чорво дар вилояти Хатлон, ҳаз. сар.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси:*Маҷмуаи оморӣ. Омори солонаи ви лояти Хатлон дар солҳои 1991 – 2023. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2024. Саҳ.144 -147*

Дар маҷмуъ, дар давраи омӯзишӣ дар вилояти Хатлон истеҳсоли гӯшти чорво ва паранда 1,5 маротиба зиёд шуда, дар соли 2023 то ба 236,6 ҳазор тонна расонида шуд (дар вазни зинда). Ҳангоми таҳлили сохтори истеҳсоли гӯшт дар вилояти Хатлон метавон зикр намуд, ки дар солҳои охир тамоюли устувори афзоиши ҳиссаи гӯшти мурғ ва гӯсфанд мушоҳида мешавад, ки он асосан бо динамикаи мусбати афзоиши саршумори ин намуди ҳайвонот алоқаманд аст. Ин раванд нишон медиҳад, ки истеҳсолкунандагон тадриҷан ба намудҳои чорвое рӯ меоранд, ки даври истеҳсолашон кӯтоҳ буда, самаранокии иқтисодии баланд доранд.

Дар ҳамин ҳол, истеҳсоли шир дар давраи солҳои 2019–2023 ба ҳисоби миёна 15 фоиз афзоиш ёфтааст, ки дар ин давра афзоиши аҳолӣ ба 12,7% баробар аст. Бо вуҷуди ин, камшавии саршумори чорвои калони шохдор дар баъзе ноҳияҳо баёнгари зарурати шиддат бахшидан ба чорраҳои баланд бардоштани маҳсулнокии чорво мебошад. Дар ин замина, истифодаи технологияи инноватсионӣ дар парвариши чорво аҳамияти хоса дорад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи ҷорӣ намудани низоми мукаммали ғизодиҳӣ меравад, ки таносуби дурусти калорияҳо, арзиши баланди ғизоӣ ва таъмини муътадили хӯроки консентратиро дар бар мегирад.

Барои комилан инъикос намудани фаъолияти субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ бузургии нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводориро таҳлил менамоем (ҷадвали 5).

Ҷадвали 5. - Самаранокии нишондиҳандаҳои соҳаи чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории вилояти Хатлон, солҳои 2019-2023.

Нишондиҳандаҳо	I		II		III		IV		I	II	III	IV
	С О Л Ҳ О								с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019	с.2023 бо % нисбати с.2019
	2019	2023	2019	2023	2019	2023	2019	2023				
Миқори ЧКШ, ҳаз.сар сар	994,2	1119,8	9,0	8,8	906,5	1027,8	78,7	83,0	112,6	97,3	113,4	105,4
Саршумори бузу гӯсфанд, ҳаз.сар	2333,2	2808,	129,1	98,0	1796,1	2217,6	408,1	492,8	120,4	75,9	123,5	120,8
Саршумори паранда, ҳаз.сар	2046,0	2715,9	142,2	788,0	1582,0	1724,9	321,0	203,0	132,7	554,0	109,0	63,3
Оилаи занбӯри асал,ҳаз. адад	61,4	65, 7	1,95	1,57	49,2	52,6	10,3	11,5	106,9	80,7	106,9	111,8
Ширдӯшӣ аз як сар модагов, кг	-	-	1654	1806	-	-	1654	1806	-	109,2	-	109,2
Тухмгирӣ аз як мурғи тухмдиҳанда, дона	-	-	124	172	-	-	124	172	-	138,7	-	138,7
Пашмтарошӣ аз як сар бузу гӯсфанд, кг	-	-	2,4	2,7	-	-	2,4	2,7	-	112,5	-	112,5
Истеҳсоли асал аз як оилаи занбӯр, кг	16,5	18,6	12,5	14,2	15,9	18,1	20,2	21,4	112,7	113,6	113,8	105,9

Эъзоҳ: I - дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо; II - дар корхонаҳои кишоварзӣ; III - дар хоҷагиҳои аҳолӣ; IV - дар хоҷагиҳои деҳқонӣ.

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .237-277, 304-307.*

Аз маълумоти ҷадвал мушоҳида карда мешавад, ки дар тӯли солҳои таҳлилӣ саршумори чорвои калони шохдор дар ҳамаи категорияҳои хоҷагии вилоят зиёд шудааст, бидуни корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар онҳо 2,7% кам шудааст.

Чунин афзоиш инчунин оид ба саршумори бузу гӯсфанд дар хоҷагиҳои аҳолӣ (бидуни корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар онҳо кам шудааст) низ мавҷуд буда, 80%-и шумораи умумии чорвои майдаи шохдор дар хоҷагиҳои номбурда парвариш карда мешавад. Таҳлилҳои овардашуда аз он далолат медиҳанд, ки дар парвариши чорвои калон ва хурд нақши хоҷагиҳои аҳолӣ зиёд аст.

Саршумори паранда дар вилоят бошад, асосан дар хоҷагиҳои аҳолӣ (84,3% аз миқдори умумӣ) парвариш меёбад ва нисбат ба дигар намудҳои чорво ва категорияҳои хоҷагӣ бо суръати баландтар рушд кардааст. Ин афзоиш, асосан аз ҳисоби парвариши онҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ 5,5 маротиба ва дар хоҷагиҳои аҳолӣ 9% ба миён омадааст.

Бинобар ин, яке аз самтҳои муҳими баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, ин ҷойгиркунии дуруст ва махсусгардонии муносиби соҳаҳо ба ҳисоб меравад. Самаранокии истеҳсолот бештар аз оптималӣ будани сохтори татбиқшавандаи истеҳсолот вобаста аст.

Дар асоси маълумоти ҷадвали овардашуда мо харитаи ҷойгиркунии соҳаи чорводории вилояти Хатлонро тартиб додем (Расми 6).



Расми 6. - Харитаи ҷойгиршавии соҳаи чорводории ноҳияҳои вилояти Хатлон

Сарчашма: *таҳияи муаллиф дар асоси:Омори солонаи вилояти Хатлон. саҳ. 144-148.*

Таҳлили маълумоти оморӣ ва ҳисоботҳои солонаи чанд соли охир дар вилояти Хатлон имкон дод, ки равандҳо ва қонуниятҳои асосии инкишофи соҳаи хоҷагии қишлоқ, бо назардошти хусусиятҳои ҷойгиршавӣ ва тамоюлҳои махсусгардонии истеҳсолот, муайян ва таҳлил карда шаванд. Муносибати экологию иқтисодӣ ба истифодаи табиат ва махсусан ба истеҳсолоти кишоварзӣ, бо он асоснок карда мешавад, ки дар муқоиса бо дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист наметавон ба арзёбии оқилона танҳо дар доираи равандҳои алоҳида ва маҳдуд қонеъ шуд. Дар фаъолияти муҳофизати муҳити зист, умуман, комилан ба назар гирифтани таъсири мутақобилаи қонунҳои гуногун - табиат ва ҷамъият имконнопазир аст.

Дараҷаи арзиши аслии маҳсулоте, ки дар субъектҳои гуногуни хоҷагии қишлоқ истеҳсол карда мешавад, ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти хоҷагӣ, самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар саноат таъсири ҳалкунанда мерасонад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дараҷаи ҳақиқии хароҷоти истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон дар солҳои охир тамоюли устувори афзоянда дорад, ки он бевосита ба нишондиҳандаҳои иқтисодии самаранок истифода бурдани захираҳои истеҳсолӣ таъсир мерасонанд.

Дар боби сеюм - «Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва абзори оптималикунонии онҳо» бо назардошти масъалаҳои оптималикунонии раванди махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, дар асоси тағйирёбии иқлим, самтҳои дурнамои аз нав тақсим кардани захираҳои замин ва абзори баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, асосноккунии иқтисодии параметрҳои оқилонаи соҳаҳои саноат ва оптималикунонии сохтори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ таҳлилу арзёбӣ гардидаанд.

Дар диссертатсия тадбирҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии оқилонаи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ба ду зина - макро ва микроиқтисодӣ тақсим карда шудааст. Новобаста аз сатҳи танзими давлатии сохтори истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, воситаи беҳтар намудани тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар зерсоҳаи кишоварзӣ, дуруст ташкил намудани муносибатҳои бозорӣ дар ин сохторҳо ва бо ин роҳ рушд додани истеҳсолот яке аз масъалаҳои ҳалталаби соҳа низ боқӣ мемонад.

Вазъияти ҳозираи тараққиёти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, аз он ҷумла вилояти Хатлон тамоюли равшани мусбии тадриҷан баландшавандаи сатҳи истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзиро нишон медиҳад.

Таҳлили рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, амнияти озуқаворию аҳолӣ ва талаботи соҳаи кишоварзӣ ба ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба масъалаи ҷойгиркунӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардани он, муайян намудани дурнамои он вобаста мебошад.

Ҳаҷми дурнамои истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, дар асоси маълумоти Кумитаи амнияти озуқаворию Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи хом ва озуқаворӣ барои то соли 2030 пешбинӣ шудааст. Бо назардошти истифодаи захираҳои беҳтар намудани ҷойгиркунии истеҳсолот, аз нав баркарор намудани низоми тухмипарварӣ, афзоиши истифодаи нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, бо техника ва технологияи инноватсионӣ таъмин намудани корхонаҳои кишоварзӣ метавон ҳосилнокии миёнаи зироатҳоро зиёд кард. Ин амалҳои технологӣ имконият медиҳанд, ки ҷамъоварии ғалладона аз ҳар гектар майдони кишт дар заминҳои лалмӣ то ба 23,0 сентнер, аз ҷумла зироатҳои лӯбиёгӣ - то ба 27 сентнер расонда шавад.

Бо истифода аз таҷрибаи пешқадами хоҷагиҳои ноҳияҳои ғаллапарвариро ҷумҳурӣ (н.Данғара, н.Муминобод, н.Ёвон ва ғ.) имконияти аз ин ҳам зиёд кардани ғалладонагиҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад.

Ҷадвали 7. - Дурнами тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти ғалладонагиҳо дар вилояти Хатлон, солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2015 - 2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	309,2	326,5	365,6	420,5	504,6
Истеҳсол дар дохили вилоят	934,5	1049,2	1226,3	1513,5	1884,0
Воридот	614,2	653,7	704,6	749,5	730,6
Ҳамагӣ захираҳо	1857,9	2029,4	2296,5	2683,5	3119,2
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хӯрока	1540,1	1682,4	1903,8	2224,6	2585,8
Содирот	0,6	0,6	0,7	0,8	0,9
Талафот	18,7	20,4	23,1	26,9	31,3
Фонди таъминоти шахсӣ	2,4	2,6	3,0	3,5	3,9
Бақия дар охири давра	296,1	323,4	366,0	427,6	497,2
Ҳамагӣ истифода карда шуд	1857,9	2029,4	2296,5	2683,5	3119,2
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	50,3	51,7	53,4	56,4	60,4

Сарчашма: *Ҳисоби муаллиф*

Ҳаҷми захираҳои ғалладонагиҳо дар вилояти Хатлон ба ҳисоби миёна 309,2 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Бо назардошти нисбатан зиёд шудани шумораи аҳолии вилоят ва талаботи онҳо бо маҳсулоти ордӣ, новобаста аз он, ки ҳаҷми истеҳсоли худ дар соли 2040 ба 1884,0 ҳазор тонна расонида мешавад, бо сабаби нисбатан тағйир ёфтани иқлим, эҳтимолияти зиёд шудани ҳарорати шабонарӯзии ҳаво, зарурияти аз беруни кишвар ворид кардани маҳсулоти ғалладонагиҳо дар соли 2040 нисбати ҳисоби миёна солҳои 2015 – 2022 18,9 % ва нисбати соли 2025 11,8% ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагиҳои худӣ дар ин давра мувофиқан 2,0 ва 1,8 баробар бояд афзоиш ёбад. Афзоиш асосан аз ҳисоби зиёдшавии майдони кишт, ҳосилнокӣ аз як гектар, кишти навъҳои нави серҳосили ватанӣ ва хориҷӣ таъмин карда мешавад.

Дар зарфи солҳои 2025 – 2040 ҳаҷми умумии захираҳои ғалладонагиҳо 1,5 баробар зиёд мешавад, ки ин ба ҳар як фоизи зиёдшавии аҳолӣ 1,47 банди фоиз зиёд аст, ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагии худӣ дар маҷмуи захираҳо аз 51,4 % соли 2025 дар соли 2040 ба 60,4% расонида мешавад. Чунин дараҷаи афзоиши ғалладонагиҳо натанҳо барои таъмини аҳолӣ ба орд ва маҳсулоти ордӣ, балки барои рушди соҳаи чорводории вилоят мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар таркиба ратсиони хӯрокаи аҳолӣ ҳиссаи маҳсулоти соҳаи сабзавотпарварӣ мавқеи махсус дорад. Талаботи аҳолӣ торафт ба ин намуди маҳсулот меафзояд.

Бо назардошти афзоиши шумораи аҳолӣ ва талаботи онҳо ба намудҳои гуногуни сабзавот мутобиқи меъёрҳои таҳқиқшуда, дурнамои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2040 муайян карда шудааст. (ҷадвали 8.)

Ҷадвали 8. - Дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ бо сабзавот, зироатҳои полезӣ ва коркарди маҳсулоти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2025 – 2040 (ҳазор тонна)

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ	Ба ҳисоби миёна дар солҳои 2015-2022	С О Л Ҳ О			
		2025	2030	2035	2040
Захира дар аввали сол	455,4	489,6	538,5	619,3	783,1
Истеҳсол дар дохили ҷумҳурӣ	2832,4	3044,8	3349,3	3851,7	4722,1
Воридот	50,6	54,4	59,8	68,8	92,6
Ҳамагӣ захираҳо	3344	3588,8	3947,0	4540,0	5597,8
Ҳаҷми истеҳсолоти истеъмолӣ ва коркарди маҳсулот бо мақсади хӯрока	61	65,6	72,1	83,0	99,5
Содирот	93	93,7	94,6	97,1	98,2
Талафот	405	410,7	446,3	476,1	496,2
Фонди таъминоти шахсӣ	2309	2482,2	2730,4	3140,0	3767,9
Бақия дар охири давра	471	506,3	557,0	640,5	768,6

Идомаи ҷадвали 8.

Ҳамагӣ истифода карда шуд	3338	3588,4	3947,2	4539,3	5447,1
Вазни қиёсии ҳаҷми умумии истеҳсол нисбат ба ҳаҷми умумии захираҳо, %	84,7	84,8	93,2	96,1	98,7
Истеҳсол ба як нафар аҳолӣ, кг	309	332,2	365,4	420,2	467,6
Коэффитсиенти худтаъминкунӣ, %	98,8	106,2	116,8	119,1	132,6
Истеъмол ба як нафар аҳолӣ, кг	251,6	270,5	297,5	342,1	375,6

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф*

Аз маълумоти ҷадвали 8 чунин хулоса кардан мумкин аст: 1. Дар давараи солҳои 2015-2022 ҳаҷми захираи сабзавот, зироатҳои полезӣ ва коркарди онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ 455,4 ҳазор тоннаро ташкил дода, дар ин давра ҳаҷми он 2,4 баробар афзоиш ёфтааст. Истеҳсоли ин намудҳои маҳсулот дар ин давра ба ҳисоби миёна 2832,4 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад ва афзоиши он дар ин давра 1,5 баробарро ташкил додааст. Дар баробари ин бо мақсади таъмини аҳолӣ ба ин намудҳои маҳсулот дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ҳаҷми воридот ба ҳисоби миёна дар ин давра 50,6 ҳазор тонна ташкил додааст. Ҳаҷми он соли 2022 нисбати соли 2015 57,60%- ро ташкил додааст, яъне 40% кам гардидааст. Маълум мешавад, ки дар дохили мамлакат ба истеҳсол ва захираи сабзавот ва маҳсулоти зироатҳои полезӣ, коркарди он диққати махсус дода, аз захираҳои мавҷуда самаранок истифода карда шудааст. Дар умум ҳаҷми маҳсулоти дар боло зикргардида ба ҳисоби миёна дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2015 – 2022 3344 ҳазор тонна ва афзоиш нисбати он 58,7% ташкил медиҳад;

2. Яке аз масъалаҳои муҳим, ки сол то сол ҳаҷми он зиёд шуда истодааст ин талафоти маҳсулоти сабзавотӣ, полезиҳо ва маҳсулоти аз он истеҳсолшаванда мебошад. Дар ин самт бояд аз технологияи навини кашонидан ва нигоҳ доштани ин намуди зироатҳо истифода карда шавад. Аз рӯйи маълумоти дар ин ҷадвал оварда шуда, ҳаҷми маҳсулоти талафотшуда ба ҳисоби миёна 405 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Дар ин давра ҳаҷми талафот нисбатан кам шудааст, лекин ҳоло ҳам тамоюли афзоиш ноустувор боқӣ мондааст. Ин нишондиҳанда нисбати соли 2015 дар соли 2022 кам шудааст, лекин аз соли 2018 сар карда боз тамоюли афзоишёбандаро мегирад. Маълум аст, ки вобаста ба зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот як миқдори муайяни он талаф меёбад ва нисбат ба нишондиҳандаҳои базавӣ афзоишро ташкил медиҳад. Бинобар ин бояд истеҳсолкунандагони навъҳои сабзавот ва полезиҳо барои кашонидан ва нигоҳдорӣ навҳои нави ба иқлим ва кашонидану нигоҳдорӣ тобоварро парвариш намоянд. Истеҳсоли онҳо ба

нуқтаҳои истеъмолкунанда ва коркардкунанда бояд наздиктар ҷойгир карда шаванд;

3. Бо назардошти зиёд шудани ҳаҷми майдони кишт ва ҳосилнокӣ, истифодаи раванди иноватсионӣ, ассосноккунии нақшаи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагиҳо ва соҳаҳои гуногун, бо дарназардошти афзоиши шумораи аҳолии кишвар, дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ барои то солҳои 2025 – 2040 муайян карда шудааст. Дар ин давра аз рӯйи ҳисоботи мо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дар боло зикршуда 51,8%, ҳаҷми захираҳо ҳамагӣ – 1859 ҳазор тонна зиёд мешавад. Дар ин давра истеҳсоли сабзавот ва маҳсулоти полезӣ ба ҳар як нафар аҳолӣ, соли 2040 нисбати соли 2025 – 40,8% зиёд мешавад. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли ин намуди маҳсулот – 38,9% зиёд мегардад. Барои таъмини чунин дараҷаи афзоиш дар ҷумҳурӣ захираҳои моддӣ – истеҳсолӣ, молиявӣ, меҳнатӣ мавҷуд аст. Илова аз ин барои зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти сабзавотӣ ва полезиҳо аз ҳисоби ҷалби сармояи ватанӣ ва хориҷӣ, аз худ кардани заминҳои корами обӣ дар ҳаҷми 5-7 ҳазор гектар зарур мебошад.

Ба андешаи мутахассисон, тамаркузи майдонҳои кишти ҳар як зироат дар минтақаҳое, ки барои истеҳсоли он шароити табиии созгор доранд, самти муҳими рушди тақсимоти ҳудудии меҳнат дар соҳаи ғаллакорӣ мебошад. Аз ин рӯ, муносибгардонии махсусгардонии минтақавии истеҳсолот дар соҳаи ғаллапарварӣ бояд дар асоси кишти навъҳои алоҳидаи зироатҳои ғалладона дар минтақаҳое, ки барои истеҳсоли онҳо шароити мусоиди агроиқлимӣ ва иқтисодӣ доранд, амалӣ карда шавад. Ба ибораи дигар, бо роҳи тағйир додани сохтори дохилисоҳавии ғаллакорӣ дар асоси талаботи бозор ба маҳсулоти ин ё он зироати ғаллагӣ ва имкониятҳои воқеии қонеъ гардондани он дар назар дошта мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки самараи баландтарин дар ҳамон вақт ба даст меояд, ки чуқуртар кардани махсусгардонӣ ва тамаркузи истеҳсоли ғалла бо роҳи дар минтақаи алоҳида ҷойгир кардани миқдори ҳадди ақали зироатҳои ғалладона бо ҳаҷми ҳадди аксари ҷамъоварии умумии ҳар кадоми онҳо ба амал меояд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки дар шароити кам будани миқдори заминҳои барои талаботи соҳаи кишоварзӣ истифодашаванда, афзоиши баланди аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳои вилояти Хатлон мушкилоти афзоиши самараи иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ, кам шудани бордеҳии бештари замин, зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ҳамчун

омили асосии афзоиши нисбии ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳалли худро ёбад.

Дар ҷадвали 9 амсилаи иқтисодӣ ва риёзии таҳлили истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон то соли 2035 нишон дода шудааст.

Чи тавре аз ҷадвали 9 дида мешавад, рушди истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагии вилояти Хатлон тамоюли устувори болоравиро дорад. Аз рӯйи ҳисобҳои корелиятсионӣ бо истифода аз функсияи хаттӣ барои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ формулаҳои зерин истифода шудаанд:

1. Ғалладона ва лӯбиёӣ; $y = 0{,}0295x^2 - 59{,}057x$, $R^2 = 0{,}9124$ (3.1)
2. Пахта; $y = 0{,}0037x^2 - 7{,}276x$, $R^2 = 0{,}1326$ (3.2)
3. Картошка; $y = 0{,}0013x^3 - 5{,}1423x^2 + 5194x$, $R^2 = 0{,}433$ (3.3)
4. Сабзавот; $y = 0{,}0588x^2 - 118{,}1x$, $R^2 = 0{,}9815$. (3.4)

Ҷадвали 9. - Амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон, солҳои 2025 – 2035 (ҳазор тонна)

Солхо	Ғалладона ва лӯбиёӣ		Пахта		Картошка		Сабзавот	
	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо
2018	822,6		178,8		216,5		1198,3	
2019	870,3		266,8		222,9		1259,0	
2020	985,3		277,2		193,1		1469,8	
2021	1032,7		270,0		213,8		1548,1	
2022	1115,6		273,2		224,5		1644,8	
2023	1086,2		229,1		227,3		1788,2	
2024	1182,5		235,8		229,7		1915,9	
2025		1241,2		237,8		232,5		2036,8
2026		1300,0		239,9		235,4		2157,6
2027		1358,7		241,9		238,2		2278,5
2028		1417,5		244,0		241,1		2399,3
2029		1476,2		246,1		244,0		2520,1
2030		1535,0		248,1		246,8		2641,0
2031		1593,7		250,2		249,7		2761,8
2032		1652,5		252,2		252,6		2882,7
2033		1711,2		254,3		255,4		3003,5
2034		1770,0		256,4		258,3		3124,3
2035		1828,7		258,4		261,1		3245,2

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .135,152,162,167*

Таҳлили дурнамои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки коэффитсиенти коррелиатсионӣ барои ғалладона ва лӯбиёӣ - $R^2 = 0{,}9124$ (ё 91,24%), пахта - $R^2 = 0{,}1326$ (ё 13,26%), картошка - $R^2 = 0{,}433$ (ё 43,3%) ва сабзавот - $R^2 = 0{,}9815$ (ё 98,15%) – ро ташкил медиҳад. Аз

байни намудҳои асосии зироатҳо сабзавот тамоюли хеле баландро дорад, ки 98,15 %-ро ташкил медиҳад. Аз ҳама тамоюли пасти болоравӣ дар пахтакорӣ дида мешавад, ки ин 13,26% - ро ташкил медиҳад.



Диаграммаи 2. - Динамикаи рушди истеҳсоли намудҳои асоссии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз.тонна).

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .135,152,162,167*

Соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон қариб 31%-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти соҳаи чорводории вилояти Хатлон дар ҷадвали 10 амсилаи иқтисодӣ ва риёзии он то соли 2035 оварда шудааст.

Аз рӯйи ҳисобҳои корелиятсионӣ бо истифода аз функсияи хаттӣ барои истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ се намуди онро интихоб намудем:

1. Истеҳсоли гӯшт; $y = 0,0083x^2 - 16,765x$ $R^2 = 0,9489$ (3.5)
2. Истеҳсоли шир; $y = 0,0081x^2 - 16,109x$ $R^2 = 0,9689$ (3.6)
3. Истеҳсоли тухм; $y = 0,0055x^2 - 11,08x$ $R^2 = 0,9875$ (3.7)

Аз нишондиҳандаҳои бадастомадаи истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон чунин хулоса кардан мумкин аст, ки вобаста ба зиёд шудани фабрикаҳои парандапарварӣ дар минтақа ва дастгирӣ ёфтани соҳаи парандапарварӣ бо мақсади таъмини аҳолӣ бо гӯшт ва тухми паранда

аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли тухм тамоюли хело баланд дорад, ки коэффитсиенти коррелиатсионии он $R^2 = 0,9875$(ё 98,75%), мебошад (Диаграммаи 3.).

Ҷадвали 10. - Амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар вилояти Хатлон, солҳои 2025 - 2035 (ҳазор тонна)

Солҳо	Истеҳсоли гӯшт		Истеҳсоли шир		Истеҳсоли тухм (млн.дон.)	
	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо	Ҳақиқӣ	Дурнамо
2018	148,0		487,3		78,9	
2019	155,9		500,9		85,3	
2020	172,4		515,2		102,7	
2021	185,8		530,0		108,6	
2022	201,3		542,9		121,9	
2023	236,7		575,5		134,1	
2024	250,2		585,7		147,8	
2025		267,9		602,6		155,2
2026		285,6		619,6		170,9
2027		303,2		636,6		178,2
2028		320,9		653,6		194,0
2029		338,6		670,6		201,3
2030		356,3		687,6		217,1
2031		374,0		704,6		224,4
2032		391,7		721,6		240,2
2033		409,4		738,6		247,5
2034		427,1		755,6		263,2
2035		444,8		772,6		270,6

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .282, 286, 290*



Диаграммаи 3. - Динамикаи рушди истеҳсоли намудҳои асоссии маҳсулоти соҳаи чорводорӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз.тонна)

Сарчашма: *ҳисоби муаллиф дар асоси:Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ, солҳои 1991-2023, соли 2024, саҳ. .282, 286, 290*

Ҳамин тавр, коэффитсиенти коррелиатсионии истеҳсоли гӯшт R^2 = 0,9489 (ё 94,89%) ва истеҳсоли шир R^2 = 0,9689 (ё 96,89%) – ро ташкил медиҳад. Дар истеҳсоли ин намуди маҳсулоти чорво низ тамоюлҳои назаррас дида мешавад.

ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

1. Дар асоси омӯзиши адабиёти хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ дар хоҷагии қишлоқ маълум гардид, ки зарурияти дар даҳсолаҳои охир тартиб додани нақшаҳои дурнамои ҷойгиркунӣ асосан бо усулҳои иқтисодию риёзӣ ва машинаҳои ҳисоббарор ба амал бароварда мешавад. Тибқи ақидаи мо барои ҳалли он ду самт - иерархӣ ва системавӣ мавҷуд аст. Дар асоси омӯзиши монографияҳо ва мақолаҳои илмии муаллифони мухталиф принсипҳои самаранокии оптималикунонӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз нав гурӯҳбанди карда шуда ба низоми муайян дароварда шуданд. Баҳогузорӣ карда шуд, ки ба беҳтар намудани имкониятҳои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан дар шароити шидатгирифтаи рақобати бозорӣ ва дигаргуниҳои иқтисодиёт, тағйирёбии ҳосилнокии таркиби хок, гармшавии иқлим, муносибати навро дар ташкили низоми идоракунӣ, аз ҷумла тавассути азнавкунии раванди ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ, имкониятҳои захиравӣ, таъминоти инноватсионӣ ва сармоягузориро талаб мекунад.

2. Барои дар асоси илмӣ ташкил кардани ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти дар шароити диверсификатсияи истҳсолоти кишоварзӣ, методологияи баҳодиҳии он асоснок ва такмил дода шуд. Истифодаи маълумоти тағйирёбанда дар шароити ноҳияҳои иқтисодӣ ва табиӣ бо назардошти сифати хок ва таъмини боришот имкон медиҳад, ки ҳисоби коэффитсиентҳои техникӣ-иқтисодӣ барои матритсаҳои вазифаҳои оптималии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад.

3. Таҳлили таҷрибаҳои хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ин мамлакатҳо дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ бо дарназардошти гармшавии иқлим бо мақсади идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ пешниҳод шудаанд. Дар асоси омӯзиши ҳолати ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Япония, Федератсияи Россия, Қирғизистон, Узбекистон Казоқистон ба мо имкон дод,

ки истифодаи усулҳои нави ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии истеҳсолот вобаста ба афзоиши аҳолӣ, сиёсати нархӣ ва содиротию воридотӣ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд. Дар амал ҷорӣ намудани таҷрибаи молистеҳсолкунандагони гуногун имкон медиҳад, ки дар ҷумҳурӣ самтҳои дурусти ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ асоснок карда шаванд ва сатҳи самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ баланд бардошта шавад.

4. Дар таҳқиқот пешниҳод карда шудааст, ки ҳангоми баҳо додани ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ муайян намудани ҳамбастагии омилҳои таъсиррасон зарур аст. Дар ин самт таҳқиқот бурда мо омилҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудем: 1) табиӣ-иқлимӣ, 2) иқтисодӣ, 3) демографӣ-иҷтимоӣ, 4) ташкилӣ, 5) экологӣ. Аз тамоми маҷмуи меъёрҳои оптималӣ вазифаҳои оптималии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ меъёри сохторе, ки меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки сарфи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва структураи ашёи хоми хоҷагии қишлоқро барои саноати коркарди маҳсулот инъикос менамояд, қобили қабултарин мебошад.

5. Вобаста ба шароити имрӯзаи ҳолати истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ нишондиҳандаҳои махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, самараи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ асоснок карда шуданд. Нақшаи дарозмуҳлати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд ва он имконият медиҳад, ки бо нарасидани захираҳои моддию пулӣ захираҳои дар хоҷагии қишлоқ мавҷудбуда (замин, меҳнат ва ғайра) ба таври оптималӣ истифода бурда, барои таъмин намудани аҳолии вилоят бо озуқаворӣ ва корхонаҳои коркарди маҳсулот бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мусоидат намояд.

6. Дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардониии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ вобаста ба диверсификатсияи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро асоснок намуда, ояндабинии ҷойгиркунии истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон муайян карда шуданд. Самаранокии нақшаи пешниҳодшудаи тақсимот ва махсусгардонии хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон оид ба истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоби фоиз нисбат ба меъёри аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеъмол ва ба ҳар сар аҳолӣ аз ҳисоби афзоиши ғалладона 8,8 фоиз, картошка 2,6 фоиз, шир 3,0 фоиз ва гӯшти чорвои калон 6,8 фоиз зиёд таъмин

карда мешавад. Гузаронидани ҳисобу китоби дурустии муносибати пешниҳодшударо ба ҳалли масъалаҳои оптималигардонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилоят тасдиқ намуд ва ба мо имконият дод, ки ин муносибатро барои гузарондани ҳисобу китоб дар сатҳи ҳама гуна минтақаҳо тавсия кунем.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

1. Дар дурнамои миёнамуҳлат афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон тавассути такмил додани ҳолати ҷойгиркунӣ ва оптималикунонии ташкили истеҳсолот дар амал татбиқ карда шавад. Инчунин, истифодаи пурраи иқтидори агроиқлимии ҳар як гектар замин бо мақсади таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ зарур мебошад. Дар ин замина вобаста ба дигаргуншавии иқлим ва дар шароити шиддатгирифтаи рақобат дар бозори маҳсулоти истеъмолӣ дар асоси принсипҳои ҷогйиркунӣ ва оптималикунонӣ раванди ташкили истеҳсолот ба роҳ монда шавад.

2. Бо дарназардошти гуногунии шароити иқлимӣ, истеҳсолоти минтақавӣ ва иқтидори инфиродии захиравии истеҳсолкунандагони мол самти муҳими ноил шудан ба ташаккул, рушди самараноки соҳаи кишоварзӣ, беҳсозии ҷойгиршавӣ ва сохтори кишоварзӣ мебошад. Истеҳсолот мувофиқи меъёри фоидаи максималӣ аз рӯйи сенарияҳои гуногуни маблағгузорӣ ба навоварӣ мебошад. Ин масъаларо мо бояд истифода аз модели таҳияшудаи барномасозии хаттии иқтисодӣ-риёзӣ ҳал намоем. Тавсифи пурраи он бо низоми маҳдудиятҳо ва муодилаҳои тавозунӣ ифода карда шуда, ба таври муфассал дар диссертатсия оварда шудаанд. Аз ҷониби муаллиф методологии баҳодиҳии самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ва таносуби тақсимоти меҳнат ва талабот ба захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ муайян карда шудааст.

3. Дар кишварҳои соҳаи кишоварзиашон рушдёфта, дастгирии доимии давлат ба соҳаи кишоварзӣ татбиқ карда мешавад. Бо сабаби дастгирии доимии давлат молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба натиҷаҳои хуби истеҳсолӣ, молиявӣ ноил гардидаанд. Мавриди омӯзиш қарор додани шаклҳои кунунии ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ дар ин кишварҳо, новобаста аз шароитҳои гуногуни иқтисодию табиӣ метавонанд барои соҳаи кишварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид бошанд ва таъсири мусбӣ расонанд. Дар асоси омӯзиши ҳолати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар мамлакатҳои рушдкардаи хориҷӣ вобаста ба афзоиши аҳолӣ, сиёсати навӣ, нархӣ ва содиротию воридотиро пешниҳод менамоем. Пешниҳод менамоем, ки истифодаи усулҳои дастгирии давлатӣ ба монанди

субсидиякунонии истеҳсол, суғуртакунонии ҳосил, сиёсати нархӣ ва содиротию воридотӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ бо таври васеъ истифода карда шаванд.

4. Вобаста ба шароити имрӯзаи ҳолати истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ самараи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ, консентратсияи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ вобаста ба тағйирёбии иқлим, махсусан гармшавии иқлим пешниҳод карда шудааст. Пешниҳод менамоем, ки навъҳои нави зироатҳои кишоварзӣ (зироатҳои ғалладонагӣ, гандуми тирамоҳӣ – Орлеан (2008), Сомонӣ (2008), Краснодар-99 (2014), Ваҳдат (2015), Меҳргон (2019), Ҳайдарӣ (2021), ҷав– Меҳан (2018), шолӣ – Саразм (2011), картошка – Файзобод (2013), Ғончи (2017), Баҳромӣ (2020), ва ғ.), ба тағйирёбии иқлим тобоваранда (махсусан, камобталабӣ будани зироат, дар ҷойҳои хушк новобаста ба кам будани намӣ рушдкунанда, дар шароити баландкӯҳ ҳосилдиҳанда) зотҳои нави чорво, ки маҳсули баланд медиҳанд ва вобаста ба минтақаҳои кишвар тобоваранда ворид карда шавад. Дар асоси ин нақшаи нави ҷойгиркунии онҳо тартиб дода шавад, ки барои рушди таъмин намудани аҳолии вилояти Хатлон бо маҳсулоти озуқаворӣ ва корхонаҳои саноатии коркарди маҳсулот бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мусоидат намояд.

5. Маълум аст, ки ҷойгиркунии истеҳсолот ва махсусгардонии он механизми муҳими баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ мебошад. Аз ин рӯ, нақшаи дарозмуҳлати ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ дар вилояти Хатлон пешниҳод карда шуд. Нақшаи пешниҳодшуда имконият медиҳад, ки бо нарасидани захираҳои моддию пулӣ захираҳои дар хоҷагии қишлоқ мавҷудбуда (замин, меҳнат ва ғайра) ба таври оптималӣ истифода бурда, барои таъмин намудани аҳолии вилоят бо озуқаворӣ ва корхонаҳои коркарди саноати маҳсулот бо ашёи хоми хоҷагии қишлоқ мусоидат намояд. Вобаста ба шароити имрӯзаи ҳолати истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ нишондиҳандаҳои махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, самараи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ пешниҳод карда шуданд.

6. Ба мақомотҳои дахлдори соҳаи кишоварзӣ тавсия дода мешавад, ки вобаста ба принсипҳои илман асосноки ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, бо назардошти диверсификатсияи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нақшаи тақсимоти замин тибқи ҷойгркунии зироатҳо ва

чорворо аз рӯйи воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон вобаста ба гармшавии иқлим муайян намуда, дар асоси ақидаҳои илмии олимони соҳа коркард намоянд.

Руйхати адабиёт

[1]. Безопасность России: Правовые, социально-экономические и научно-технические аспекты: Основополагающие государственные документы / Сост. Н.А. Васецкий и др. - Ч. 1 - М.: Знание, 1998. - 509 с.

[2]. Варламов, А.А. Теория и практика землепользования и управления земельными ресурсами регионов Среднего Поволжья: учеб. пособие /А.А. Варламов, С.А. Гальченко, И.В. Никонорова, А.В. Мулендеева, В.Н. Ильи. – Чебоксары: Изд-во Чуваш. ун-та, 2016. – 242 с.

[3]. Д. Рикардо. Начала политической экономии и налогового обложения. // Сочинения. М., 1995. Т. 1.

[4]. Ильиной З.М.: Формирование рынков сельскохозяйственной продукции. Методологические основы. Монография // Под ред. З.М. Ильиной. – Мн.: ЦАЭ ИЭ НАН Беларуси, 2006. – 396 с.

[5].Иванченко, Г.В. Комплексная гуманитарная экспертиза: методология и смысл/ Д. А. Леонтьев, Г. В. Иванченко. - Москва:Смысл,2008.

[6]. Ковел П.В. Экономическая эффективность специализация сельскохозяйственных предприятий. - Алма-Ата, - 1976. - с.57-l 16.

[7]. Кондратьев, Н.Д. Развитие хозяйства Кинешемского земства Костромской губернии: Социально-экономический и финансовый очерк / Николай Дмитриевич Кондратьев; предисл. П. Мигулина; под ред. А. Буковецкого. – Иваново: Ивановская газета, 2002. – 494 с.: ил.

[8]. Кругман П.Р., Обстфельд М. Международная экономика. Теория и политика. Учебник для вузов. / Пер. с англ. – М, 2010.

[9]. Кузнецов В.В. Лучшие сорта и особенности агротехники айвы / Науч.-исслед. ин-т садоводства, виноградарства и виноделия им. акад. Р.Р. Шредера М-ва сел. хоз-ва УзССР. - Ташкент: Ин-т науч.-техн. информации и пропаганды Госплана УзССР, 1973. - 8 с.; 21 см

[10]. М.Портер. Конкурентное преимущество. Как достичь высокого результата и обеспечить его устойчивость, - М.: Международные отношения, 2005.

[11]. Пириев Дж. Научные основы перспективного размещения отраслей сельского хозяйства Таджикистана в рыночных условиях, - 2003, -Душанбе, - 296с.

[12]. Степанов Петр Николаевич. География промышленности СССР [Текст]: Учеб. пособие для высш. учеб. заведений. - Москва: Учпедгиз, 1950. - 224 с., 10 отд. л. карт.: черт., карт.; 27 см.

[13]. Тимирязев, К.А. Жизнь растения: Десять общедоступных лекций / Акад. наук СССР. - Москва: Из-во Акад. наук СССР, 1962. - 290 с.

[14]. Чаянов А.В. «Основные идеи и формы организации сельскохозяйственной кооперации» М: Наука, 1991г.

[15]. Зальцман Л.М. Вопросы специализации микрорайонирования и производственной типизации сельскохозяйственных предприятий СССР//Вопросы размещения и специализации сельского хозяйства СССР. - М.: Изд-во экономической лит-ры, 1962. -С.146-185.

[16]. Колеснев С.Г. Основные вопросы теории и методики специализации и размеров сельскохозяйственного производства в колхозах и совхозах//Специализация и размеры сельскохозяйственных предприятий. - М.: Сельхозиздат, 1963.-С.7-41

[17]. Колосовский Н. Н. Размещение производительных сил СССР и задачи Академии наук // Вестн. АН СССР. — 1938. — № 6

[18]. Немчинов В. С. Социалистическое хозяйствование и планирование производства // Коммунист. 1964 № 5

[19]. Оболенский К.П. Определение экономической эффективности сельскохозяйственного производства. М., 1963.

[20]. Каминский, Александр Евгеньевич. Научные основы размещения сельского хозяйства по республикам и экономическим районам Страны [Текст]: (Автореферат диссертатции) / Канд. с.-х. наук А. Е. Каминский; Ун-т науч.-техн. прогресса на ВДНХ СССР. Фак. сельского хозяйства. — Москва: [б. и.], 1965. — 16 с.: 21 см.

[21]. Кушнер, И. С. Исследование процесса точения инструментами с перемещающейся режущей кромкой [Текст]: Автореферат дис. на соискание ученой степени кандидата технических наук / Куйбышевский политехн. ин-т им. В. В. Куйбышева. — Куйбышев: [б. и.], 1964. — 25 с.

[22]. Носиров Р. Ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ. Душанбе 2009

[23]. Олимов А.Х. Ҷойгиркунонии оптималии минтақавии пахтакорӣ – ҳамчун омили ташаккул ва рушди пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимов А.Х. /Маводи Конференсияии илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Самтҳои инноватсионии рушди иқтисодиёти кишоварзӣ ва рақамикунонии он”. Душанбе: -2024. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур. - С.7-15

[24]. Полунин А.А. Совершенствование внутрихозяйственных экономических отношений на сельскохозяйственных предприятиях: автореф. дис. на соиск. учен. степ. канд. экон. наук: специальность 08.00.05 <Экономика и упр. нар. хоз-вом> / Полунин Андрей Александрович; [Мичурин. гос. аграр. ун-т]. - Мичуринск, 2008. - 26 с

[25]. Шарофов У. Иқтисодиёти кишоварзӣ. Душанбе “Маориф ва фарҳанг”-2007 саҳ. 44-45

Феҳристи интишороти муаллиф доир ба диссертатсия

а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:

[М-1]. Юсуфзода Ф. Самтҳои дурнамои ҷойгиркунонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва механизми зиёд кардани самаранокии он. [Матн]. / Юсуфзода Ф. С. // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024-№4/2 (70) саҳ 286-294

[М–2]. Юсуфзода Ф. Хусусиятҳои махсусгардонӣ ва консентратсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ. [Матн]. / Юсуфзода Ф. С. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». №4 (105) 2024. саҳ 198-203

[М–3]. Юсуфзода Ф. Махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷанбаҳои назариявии он. [Матн]. / Юсуфзода Ф. С., Шарифов З.Р. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз». №3 (104) 2024. Саҳ 188-194

[М–4]. Юсуфзода Ф. Истеҳсол ва таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ дар кишвар. [Матн]. / Юсуфзода Ф. С. //Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии «Кишоварз» №1 с.2023 саҳ 248-250

б) Маҷмуи мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:

[М-5]. Юсуфзода Ф. Ҳолат ва роҳҳои баланд бардоштани сабзавотпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. / Шарифов З.Р., Ҳомидов А.У., Юсуфзода Ф. С. // Маҷмуи мақолаҳои илмии уонференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Рушди боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ бо истифода аз технологияи муосири парвариш»с.2024 саҳ 52-58

[М–6]. Юсуфзода Ф. Рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муосир [Матн]. / Юсупов Ф.С./Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ-омили рушди устувори соҳа» с.2020 саҳ 220-223

[М-7]. Юсуфзода Ф. Баҳодиҳии иқтисодии замин дар минтақаи Бохтар [Матн]. / Юсупов Ф.С., Мусоев Р.М. / Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Технологияи иноватсионии нигоҳдорӣ ва коркарди логистикаи меваю сабзавот» с.2019 саҳ 401-404

[М-8]. Юсуфзода Ф. Модели иқтисодӣ – риёзии оптималикунии таркиби майдони кишт дар хоҷагиҳои деҳқонӣ. [Матн]. / Хуҷақулов Н.Ҷ., Юсупов Ф.С. // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Амнияти ғизоӣ: ҷанбаҳои иҷтимоӣ, биологӣ, иқтисодӣ ва экологии он» с. 2015 саҳ. 297- 302

[М-9]. Юсуфзода Ф. Теоретические основы оптимизация структуры посевных площадей дехканских хозяйств Республики Таджикистан. [Матн]. / Юсупов Ф.С. // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Бехатарии биологӣ: масъала ва роҳҳои ҳалли он» с.2013 саҳ. 236-239

ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОТЕМУР

УДК: 633.11 (575.3)

На правах рукописи

ЮСУФЗОДА ФАРРУХ САЙВАЛИ

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ОПТИМИЗАЦИИ РАЗМЕЩЕНИЯ И СПЕЦИАЛИЗАЦИИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА
(на примере хозяйств Хатлонской области)

АВТОРЕФЕРАТ
диссертации на соискание учёной степени
кандидата экономических наук по специальности
08.00.04.02 – Экономика агропромышленного комплекса

Душанбе – 2025

Диссертация выполнена на кафедре экономики АПК, Таджикского аграрного университета имени Шириншо Шохтемур.

Научный руководитель:	**Шарифов Зариф Раҳмонович** - доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учёта и аудита Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур
Официальные оппоненты:	**Мирсаидов Аврор Бобоевич** - доктор экономических наук, профессор, Заместитель директора по науке и обучению института Экономики и демографии НАНТ
	Раҳимов Ҷамшед Одинабекович - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедры менеджмента и маркетинга Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
Ведущая организация:	Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава

Защита диссертации состоится «06» марта 2026 г. в 09 ^{00} часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-016- при Таджикском аграрном университете имени Шириншох Шотемур, (734003, г. Душанбе, пр. Рудаки,146. E-mail: olimov-1976 @mail.ru, телефон учёного секретаря (+992) 101-17-90-90

С диссертацией и авторефератом можно ознакомиться в научной библиотеке ТАУ имени Шириншох Шотемур. www.taiagroun.tj

Автореферат разослан «____» _____ 2026 года.

Учёный секретарь
диссертационного совета 6Д.КОА-016,
кандидат экономических наук, доцент **Олимов А.Х.**

ВВЕДЕНИЕ

Актуальность темы исследования. Кризисное состояние, охватившее сельское хозяйство страны, требует скорейшего решения ряда проблем, от успешного преодоления которых зависит возможность агропромышленного комплекса выйти из кризиса и обеспечить дальнейшее устойчивое развитие. Одним из важнейших условий является повышение эффективности сельскохозяйственного производства. Среди множества факторов, влияющих на эффективность аграрного сектора, особое значение имеют оптимизация, размещение и специализация сельского хозяйства.

Развитие рыночных отношений в аграрной сфере тесно связано с размещением производства, при этом особо проявляется влияние специализации, обусловленной природно-климатическими и экономическими условиями регионов и отдельных районов республики. Следует отметить, что размещение производства и переработки сельскохозяйственной продукции направлено на рациональное использование материальных, технических, финансовых и трудовых ресурсов сельскохозяйственных предприятий и организаций, а также природно-биологического потенциала территорий, рост объемов продукции, повышение эффективности производства и его конкурентоспособности на внутреннем, и внешнем продовольственных рынках.

Почвенно-климатические и экономические условия хозяйств, во многом, предопределяют территориальные различия в структуре посевных площадей, уровне интенсивности и результативности сельхозпроизводства. Современное размещение производства, во многом, не отвечает требованиям рационального использования биоклиматического потенциала и экономических ресурсов.

Научное обоснование размещения и специализации сельского хозяйства позволяет, с учетом совокупности климатических, почвенных, экономических, национальных, экологических и иных факторов, обеспечить рост производства продукции и повысить экономическую эффективность деятельности сельскохозяйственных предприятий, и организаций, а также в значительной степени удовлетворить потребности конечного потребителя в продовольствии. Это в конечном счете благоприятно сказывается на социально-экономическом положении общества.

Значимость рассматриваемой проблемы, на современном этапе развития агропромышленного комплекса, усиливается, в связи с необходимостью использования современных принципов оценки и научного регулирования размещения и специализации сельскохозяйственного производства. Всё это придает особую актуальность проведению научных исследований по

совершенствованию размещения и специализации аграрного производства, и обоснованию путей повышения его эффективности в современных условиях хозяйствования.

Степень изученности проблемы. Вопросы размещения и специализации сельского хозяйства нашли широкое отражение в трудах отечественных и зарубежных ученых, среди которых: Н. Александров, А.И. Барбашин, А.И. Алтухов, А.Н. Адуков, В.Р. Боев, Н.А. Борхунов, В.А. Добрынин, Н.К. Васильева, Д.Ф. Вермель, Л.М. Зальцман, В.И. Колеснев, И.Т. Крячков, И.А. Минаков, К.П. Оболенский, И. Тюнен, И.Г. Ушачев занимают заметное место.

Особенности и формы общественного разделения труда, направления его совершенствования в региональном разрезе исследованы в трудах: Ф.С. Зиятдинова, М.П. Рабиновича, Л. Рабиновича, Н. Каткова, И. Муртазина, Ф.К. Мусина, В.П. Захарова, Х.М. Миргунова, Г.М. Набиуллина, К.Н. Нургалиева, Д. Файзрахмонова, С. Шарифова и других.

В исследованиях таджикских ученых – Мадаминова А., Пиризода Дж.С., Шарипова З.Р., Ашурова И.С., Носирова Р., Ганиева Т.Б., Шамсиева К.Б., Набиева Т.Т., Олимова А.Х., Абдуллоева А.А., Бердиева Р., Качкулоева А.Ф. – также рассматривались вопросы размещения и специализации в сельском хозяйстве.

Однако, до настоящего времени, вопросы совершенствования размещения и развития специализации агропромышленного комплекса, как динамической системы и перехода к рыночной экономике в условиях новых хозяйственных реалий, освещены недостаточно. Кроме того, целый ряд теоретических и методологических аспектов размещения и специализации, включая их экономическую сущность, как категорий, а также факторы, влияющие на них, остаются недостаточно изученными, что и предопределило выбор темы диссертационного исследования.

Связь исследования с программами и проектами. Тема диссертационной работы напрямую связана со стратегическими документами страны, в числе которых: «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года»; «Национальная стратегия адаптации к изменению климата Республики Таджикистан до 2030 года»; «Стратегия развития «зеленой» экономики Республики Таджикистан на 2023–2037 годы»; «Среднесрочная программа развития Республики Таджикистан на 2021–2025 годы»; «Программа развития агропродовольственной системы и устойчивого сельского хозяйства до 2030 года»; «Концепция создания и развития агропромышленных кластеров в Республике Таджикистан до 2040 года»; «Концепция инновационного развития

агропромышленного комплекса Республики Таджикистан»; «Пятый отчёт Конвенции об изменении климата в Республике Таджикистан».

ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

Цель исследования. Цель диссертационной работы заключается в обосновании подходов к повышению эффективности размещения и специализации сельского хозяйства с учётом влияния совокупности факторов, где особое внимание уделяется теоретическим и методологическим аспектам, позволяющим оценить влияние новых экономических условий и изменений климата на развитие аграрного производства.

Задачи исследования. в диссертационной работе предполагается решить ряд последовательно связанных задач:

1. Изучить теоретические основы размещения и специализации сельскохозяйственного производства и определить их роль как форм общественного разделения труда.
2. Обосновать методологический подход к оценке эффективности размещения и специализации сельскохозяйственного производства, сформировав научный инструментарий для проведения анализа.
3. Исследовать опыт зарубежных стран в организации размещения и специализации сельскохозяйственных отраслей, выделив элементы, которые могут быть адаптированы к условиям Республики Таджикистан.
4. Проанализировать факторы, влияющие на размещение и специализацию сельхозпроизводства, и оценить их эффективность в условиях диверсификации аграрной деятельности Хатлонской области.
5. Разработать практические рекомендации по повышению экономической эффективности сельскохозяйственного производства на основе оптимизации его размещения и углубления специализации.
6. Определить перспективные направления развития размещения и специализации сельскохозяйственного производства с учётом климатических изменений и изменяющихся хозяйственных условий в Хатлонской области.

Объект исследования. Объектом исследования выступают сельскохозяйственные предприятия Хатлонской области Республики Таджикистан, как основа аграрного сектора региона.

Предмет исследования – совокупность экономических отношений, определяющих направления процессов, для эффективности размещения и специализации сельскохозяйственного производства, а также их дальнейшей оптимизации.

Гипотеза исследования. В качестве научной гипотезы, выдвинуто предположение о системной и научно - обоснованной взаимосвязи между оптимизацией размещения и специализации сельскохозяйственного

производства, с учётом факторов, определяющих влияние на динамику этих процессов, что позволит добиться ощутимых показателей повысив эффективность аграрного сектора в целом.

